У.А. Абдуғаниев

# Коргузорӣ дар мақомоти гумрук
## (Дастури таълими)








Хуҷанд – 2012

Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

У. А. Абдуғаниев

# Коргузорӣ дар мақомоти гумрук
(Дастури таълимӣ)

(Таҳти назари доктори илмҳои иқтисод,
профессор А.О.Орифов)

Хуҷанд – 2012

**Дар ҷаласаи Шӯрои таълимию-методии ДДҲБСТ муҳокима ва тасдиқ шудааст**

**Муқарризон: номзади илмҳои иқтисод Н.Ю.Блиничкина,
номзади илмҳои иқтисод Ҳ. А. Хоҷаев**

Дар қатори фанҳои дигари тадрисии кафедраи хадамоти гумрук фанни коргузории гумрук мавқеи муҳимро ишғол менамояд.

Ҳадафи асосии фанни мазкур аз ин иборат аст, ки муҳассилин мазмуну моҳияти ҳуҷҷатнигории гумрук ва барасмиятгузории санаду ҳуҷҷатҳои гумрук, роҳу усулҳои созмони он, таъйин ва тартиби татбиқи амалиёти пешакӣ, хусусиятҳои ҳуҷҷатгузории гумрук ба талаботи меъёрҳои давлатӣ ва байналмиллалӣ ҷавбгӯ будани он, шаклҳо ва намудҳои тартиб додани ҳуҷҷатҳои коргузории гумрукро азхуд намоянд.

Толибилмон дар ҷараёни машғулиятҳои таълимӣ аз фанни номбурда бо танзими ҳуқуқии коргузорӣ дар гумрук ва барасмиятдарории гумрукӣ дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ошно гарданд.

# Сарсухан

Дар радифи соҳаҳои дигар, аз ҷумла сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ гумрук дар рушду нумӯи Тоҷикистони демократӣ, дунявӣ, соҳибистиқлол, ҳуқуқбуниёд ва ягона мавқеи хосса дорад. Сараввал Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ, Эмомалӣ Раҳмон дар хусуси фаъолияти ҷабҳаҳои мухталифи гумрук таъкид намуда, чунин зикр карда буд: «Амнияти иқтисодӣ, фарҳангӣ ва муҳити зист дар кишвар мустақиман ба фаъолияти мақомоти гумрук вобаста аст» ва дар ҷойи дигар мавсуф ёдрас менамояд: «Гумрук дар ҳаёти ҳар як давлати соҳибистқилол аҳамияти фавқулодда дорад ва гузашта аз ин дарвозаи ҳар як давлат аст. Зеро аз кори мақомоти гумрук на танҳо таъмини молиявии соҳаҳои гуногуни фаъолияти давлат, балки бехатарии иқтисодӣ, фарҳангӣ, идеологӣ ва экологии он вобастагии бевосита дорад». Андешаҳои болоӣ мутасаддиёни соҳа, аз ҷумла омӯзгорону устодонро вазифадор менамояд, ки сатҳи сифати таълимро такмил дода, ба комёбиҳо ноил гарданд.

Дар қатори фанҳои дигари тадрисии кафедраи хадамоти гумрук коргузории гумрук мавқеи муҳимро ишғол менамояд.

Ҳадафи асосии фанни мазкур аз ин иборат аст, ки муҳассилин мазмуну моҳияти ҳуҷҷатнигории гумрук ва барасмиятгузории санаду ҳуҷҷатҳои гумрук, роҳу усулҳои созмони он, таъйин ва тартиби татбиқи амалиёти пешакӣ, хусусиятҳои ҳуҷҷатгузории гумрук ба талаботи меъёрҳои давлатӣ ва байналмиллалӣ ҷавбгӯ будани он, шаклҳо ва намудҳои тартиб додани ҳуҷҷатҳои коргузории гумрукро аз худ намоянд.

Толибилмон дар ҷараёни машғулиятҳои таълимӣ аз фанни номбурда бо танзими ҳуқуқии коргузорӣ дар гумрук ва барасмиятдарории гумрукӣ дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ошно гарданд.

Лозим ба ёдоварист, ки доир ба фанни мазкур дастуру васоитҳои таълимӣ ночизанд, бинобар ин аз дасти чоп баровардани дастури номбурдаро зарур мешуморем.

Фанни коргузории гумрук дар асоси қонунгузориҳои гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф гардидааст, ки он дар асоси «Қонуни забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Дастурамали коргузории хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳури Тоҷикистон ва Дастурамали вазифаи кормандони мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзонида мешавад.?

Вазифаи асосии фанни мазкур омӯхтан ва мукаммалу такмил бахшидани дониш ва маҳорату малакаи тахассусии донишҷӯён оид ба дурусту воқеӣ риоя намудан ба қоидаҳои ягонаи коргузорӣ дар гумрук ва таъмини волоияту масъулиятшиносии онҳо дар адои саривақтаи вазифаҳояшон мебошад.

Бояд тазаккур дод, ки фанни номбурда бо фанҳои таълимии ихтисосҳои гуногун робитаи қавӣ ва бевосита дорад.

Дастури таълимӣ имконият медиҳад, ки барои пешбурди ҳуҷҷатнигорӣ ҳам ба устодон ва ҳам ба донишандӯзон кӯмаки амалии хешро расонида, сифату самаранокии раванди тадрисро мувофиқи талаботи айём сурат бахшад.

## Нақшаи тақсимоти соатҳо барои гурӯҳҳои шӯъбаи рӯзона

| Р/т | Номгӯи мавзӯъҳо | Миқдори соатҳо | | |
|---|---|---|---|---|
| | | лексионӣ | семинарӣ | ҳамагӣ |
| 1. | Муқаррароти умумӣ | 2 | | 2 |
| 2. | Қабул ва бақайдгирии ҳуҷҷатҳо | 2 | 2 | 4 |
| 3. | Гардиши ҳуҷҷатҳо | 2 | | 2 |
| 4. | Тартиби дида баромадани ҳуҷҷатҳои хизматӣ | 2 | 2 | 4 |
| 5. | Таҳия намудан ва барасмият даровардани ҳуҷҷатҳои хизмат | 2 | 2 | 4 |
| 6. | Зарурияти ҳуҷҷатҳо | 2 | 2 | 4 |
| 7. | Мувофиқакунонии ҳуҷҷатҳо | 2 | | 2 |
| 8. | Тасдиқи ҳуҷҷатҳо. Талабот ба матни ҳуҷҷатҳо | 2 | 2 | 4 |
| 9. | Таҳия намудани баъзе намудҳои ҳуҷҷатҳо Фармонҳо. | 2 | 2 | 4 |
| 10. | Таҳия намудани барқия ва мактубҳо | 2 | 2 | 4 |
| | Ҳамагӣ | 20 | 14 | 34 |

# Мундариҷаи фан

## Мавзӯи 1. Муқаррароти умумӣ

*Нақша:*

1. *Мақсад ва вазифаҳои фан*
2. *Маълумотҳои асосӣ оид ба омилҳои коргузорӣ*
3. *Аҳамиятӣ коргузории гумрук барои ташкили кор*

Мақсад ва вазифаҳои асосии фанни коргузории гумрук иборат аз он аст, ки ҳуҷҷатнигории кормандони гумрук босаводона тартиб дода шавад ва ба талаботи қоидаҳои ягонаи коргузорӣ дар гумрук ҷавобгӯй бошад.

Коргузорӣ гуфта дар вақт ва фазо нигоҳ доштаи иттилоотро меноманд, ки қувваи юридикӣ дошта, вобаста ба қонуниятҳои давлатӣ, стандартҳои давлатӣ таҳияшударо меноманд.

Аҳамияти коргузории гумрукӣ хеле зиёд аст, аз ҷумла самаранок истифода бурдани вақти корӣ, ташкили амалиёти фаврии хадамоти гумрук, сари вақт пешниҳод ё ҷамъ кардани маълумоти зарурӣ ё иттилоотиро меноманд.

## Мавзӯи 2. Қабул ва бақайдгирии ҳуҷҷатҳо

*Нақша:*

1. *Тартиботи қабули ҳуҷҷатҳо*
2. *Вазифаҳои котибот нисбати бақайдгирии ҳуҷҷатҳо*
3. *Зарурияти қайди ҳуҷҷатҳои воридшуда*

Ҳамаи ҳуҷҷатҳои ба хадамоти гумрук воридшуда аз ҷониби котибот қабул карда мешаванд. Дар вақти ғайрикорӣ муросилоти ҳукумат, барқияҳои таъҷилӣ, факсограммаҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои воридотӣ аз ҷониби навбатдори масъули хадамоти гумрук қабул карда шуда, ба котибот супорида мешаванд.

Ба қайдгирии ҳуҷҷатҳо нисабти маълумотҳои зарурӣ, доир ба ҳуҷҷатҳо бо мақсади таъмини баҳисобгирӣ, ҷустуҷӯи ҳуҷҷатҳо, ҳамчунин назорат аз болои иҷро ва гардиши онҳо мебошанд. Бақайдгирии ҳуҷҷатҳо дар доираи гурӯҳҳо вобаста ба намуди ҳуҷҷатҳо, муаллиф ва маҷмӯи он ба амал бароварда мешаванд.

Пас аз дида баромадани ҳуҷҷатҳо аз ҷониби роҳбарияти воҳиди сохторӣ, корманде, ки коргузориро пеш мебарад, ҳуҷҷатҳоро ба иҷрокунанда барои иҷро бо имзо дар китоби ҳуҷҷатҳои воридшуда месупорад.

## Мавзӯи 3.  Гардиши ҳуҷҷатҳо

*Нақша:*

1. *Муросилоти воридшуда ва гардиши онҳо*
2. *Ҳуҷҷатҳо дар воҳидҳои сохторӣ*
3. *Коркарди муросилоти содиршуда дар воҳидҳои сохторӣ*

Муросилот ба назардошти масъалаҳои дарбаргиранда барои баррасӣ ва иҷроиш ба муовинони сардори хадамоти гумрук ё бо роҳи шиносонидани онҳо ба воҳидҳои сохтории хадамоти гумрук фиристода мешавад. Дар мавриди ворид шудани ҳуҷҷатҳо бо суроғаи хадамоти гумрук котибот шахси мансабдорро барои дида баромадани онҳо муайян мекунад.

Корманде, ки дар воҳидҳои сохтори коргузориро пеш мебарад, муросилоти гирифтаашро дида мебарояд ва китоби воридоти ба қайд гирифта барои ба роҳбарият пешниҳод кардан онҳоро ҷудо мекунад.

Ҳуҷҷатҳои содиршавандаи роҳбарияти хадамоти гумрук имзокардаро аз иҷрокунандаҳо, кормандони пешбарандаи коргузорӣ қабул барои ба қайдгирӣ ва ирсол намудан ба котибот медиҳанд. Ҳуҷҷатҳои хизматӣ бояд дар ҷевон ва ё ҷойи махсус нигоҳ дошта шаванд.

## Мавзӯи 4. Тартиби дида баромадани ҳуҷҷатҳои хизматӣ

*Нақша:*

1. *Қоидаҳои дида баромадани ҳуҷҷатҳои воридшуда*
2. *Мӯҳлати дида баромадини ҳуҷҷатҳои хизматӣ*
3. *Қайд намудани иҷрои ҳуҷҷат*
4. *Баҳисобгирии ҳаҷми гардиши муросилот*

Ҳамаи ҳуҷҷатҳои воридшуда бояд аз ҷониби роҳбарияти хадамоти гумрук ва воҳидҳои сохтории он дар рӯзи воридот дида баромада шаванд. Ҳуҷҷатҳо, ки барои шинос шудан ба воҳидҳои сохторӣ фиристонида мешаванд, дар мӯҳлати кӯтоҳи имконпазир, ҳамчун қоида, на дертар аз як рӯз бояд ба котибот баргардонида шаванд. Қайд дар бораи иҷро бояд калимаҳои «Ба парванда»-ро дар бар гирад. Қайд дар бораи иҷро дар қисмати поёнии саҳифаи аввали ҳуҷҷат ҷо дода мешавад.

Тарзи инъикос намудани натиҷаи баррасии ҳуҷҷатҳои хизматӣ ва заруриятҳои онҳо. Масъулияти ҳамкорон. Қайд дар бораи иҷрои ҳуҷҷат.

Мӯҳлати ҳаҷми гардиши муросилот.

## Мавзӯи 5. Таҳия намудан ва барасмият даровардани ҳуҷҷатҳои хизмат

*Нақша:*

1. *Талабот ба варақаҳои стандартӣ дар таҳияи ҳуҷҷатҳо*
2. *Ба суроға равон кардани ҳуҷҷатҳо*
3. *Тарзи ирсол намудани ҳуҷҷат ба шахсони унвондор*

Ҳуҷҷатҳо, новобаста аз он ки онҳо дар варақаҳои тоза ё варақа (бланк) чоп карда мешаванд, дар варақаҳои андозаи стандартӣ ба расмият даровarда мешаванд. Ҳуҷҷатҳои дохилӣ (гузориш, эзоҳот, аризаҳо ва ғайра) дар варақаи коғаз меъёрии андозаи стандартӣ таҳия карда мешаванд.

Ҳангоми ба суроғаҳо ирсол намудани ҳуҷҷатҳо, номи муассисаҳо, ташкилотҳо ё ба муовини ӯ равона намудани ҳуҷҷатҳо, ном ва насаби онҳо нишон дода мешаванд. Агар ҳуҷҷат ба шахси унвони ҳарбӣ, унвони илмӣ ва дараҷаи илмӣ дошта ирсол гардад, суроға бо нишон додани унвони ӯ таҳия карда мешавад.

## Мавзӯи 6. Заруриятӣ ҳуҷҷатҳо

*Нақша:*

1. *Тасдиқи ҳуҷҷатҳо*
2. *Номгӯи ҳуҷҷатҳо ва санаи онҳо*
3. *Сарлавҳаҳои ҳуҷҷат*

Тарзи махсуси мавриди амал қарор ёфтани ҳуҷҷат тасдиқ намудани он дар хадамоти гумрук, ки ба салоҳияти онҳо ҳалли масъалаҳои дар ҳуҷҷатҳо баён гардида ва тасдиқшуда дохил мешаванд, тасдиқ мешавад. Дар ҳар ҳуҷҷат (ғайр аз мактубҳо) номгӯи он нишон дода мешавад, ба монанди фармоиши фармон, супориш, маълумотнома, гузориш ва ғайра. Сана дар қисми чапи болои ҳуҷҷат ҳамроҳи рақам гузошта мешавад. Сарлавҳа дар ҳама гуна ҳуҷҷат ба таври хаттӣ таҳия карда мешавад.

## Мавзӯи 7. Мувофикакунонии ҳуҷҷатҳо

*Нақша:*

1. *Пешакӣ дида баромадани ҳуҷҷат*
2. *Зарураҳои мӯҳри мувофиқа*
3. *Шакли мувофиқакунонии дохилӣ*
4. *Тартиби имзогузории фармоиш*
5. *Зарураҳои имзо*

Мувофиқакунонӣ – роҳи пешакӣ дида баромадан ва ба лоиҳаи ҳуҷҷат баҳо додан ба ҳисоб меравад. Мӯҳри мувофиқа аз ибораи «мувофиқа карда шудааст», номи корхона, муассиса ва ташкилот (воҳид), ки ба онҳо ҳуҷҷат мувофиқа карда мешавад, шарҳи он ва сана иборат мебошад.

Шакли мувофиқакунонии дохилии лоиҳаи ҳуҷҷат бо шӯъбаҳо ва роҳбарияти хадамоти гумрук (раёсати гумрук) имзогузорӣ кардани лоиҳа ба ҳисоб меравад. Имзогузорӣ дар болои нусҳаи ҳуҷҷатҳое гузошта мешавад, ки дар ташкилот мемонад. Ҳуҷҷатҳои дигари содиршаванда дар нусҳае, ки дар хадамоти гумрук мемонад, имзогузорӣ карда мешавад.

Заруристи «имзо» аз инҳо иборат аст, ки ному насаби шахси ҳуҷҷатро имзокарда, имзои шахсии ӯ ва вазифааш маълум карда шавад.

## Мавзӯи 8. Тасдиқи ҳуҷҷатҳо. Талабот ба матни ҳуҷҷатҳо

*Нақша:*

1. *Мӯҳр гузоштан ба ҳуҷҷатҳои тасдиқшаванда*
2. *Тасдиқи нусҳаи ҳуҷҷатҳо*
3. *Замимаҳо*
4. *Тартиби баёни матни ҳуҷҷатҳо*

Ба ҳуҷҷатҳое, ки нусхаи аслиаш тасдиқи махсусро талаб мекунанд, мӯҳр гузошта мешавад. Мӯҳр бояд чунон гузошта шавад, ки нақши он ба имзои аслӣ ва номи мансабдор расонида шавад.

Замимаҳои ҳуҷҷат метавонад се намуд бошанд: замимаҳое, ки бо ҳуҷҷати амрдиҳанда тасдиқ ё мавриди амал қарор меёбанд; мазмуни ҳуҷҷати асосиро шарҳ медиҳанд ё пурра мекунанд; ҳуҷҷатҳои мустақил ба ҳисоб меравaнд бо мактубҳо равон карда мешаванд.

Матни ҳуҷҷатҳои хизматӣ бояд дақиқ бошад, ба шарҳи гуногун роҳ надиҳад, кӯтоҳ ва бодиққат таҳрир шуда бошад.

## Мавзӯи 9. Таҳия намудани баъзе намудҳои ҳуҷҷатҳо

*Нақша:*

1. *Тартиби таҳияи муросилоти содиршаванда*
2. *Фармонҳо ва супоришҳо*
3. *Ба расмият даровардан ва ирсол намудани фармонҳо*
4. *Матни фармон*
5. *Тарзи нусхабардории ҳуҷҷатҳои амрдиҳанда*

Ҳамаи муросилоти аз номи хадамоти гумрук содиршаванда ба таври зарурӣ дар варақаҳо, мактубҳои хизматӣ, ки барои хадамоти гумрук пешбинӣ шудааст, бояд иҷро шавад. Фармон ва супоришҳои хадамоти гумрук, ки хусусиятёбандаанд, бо мақсади иҷрои қонунҳои ҶТ, қарорҳо Маҷлиси Олии ҶТ, қарорҳо ва фармонҳои хадамоти гумруки назди Ҳукмати ҶТ ба табъ мерасад.

Дар матни фармон, супориш доир ба фаъоляти асосӣ ва қисмати муқарраркунанда далелҳое баён мешаванд, ки зарурияти таҳия намудани қарорро ба миён овардааст. Дар фармони доир ба ҳайати шахсӣ, қисмати муқарраркунанда метавонад, набошад.

Фармонҳо ва ҳуҷҷатҳои дигари амрдиҳандаи Раёсат ба миқдори қатъиян маҳдуд нусхабардорӣ карда мешаванд. Барои муайян намудани теъдоди нусхаи фармон, супориш ва дуруст тартиб додани нишондиҳандаи ирсолот роҳбарони воҳидҳои сохторие, ки лоиҳаи ҳуҷҷати амрдиҳандаро тайёр кардaнд, бо назардошти он, ки ҳуҷҷат бояд танҳо ба муассисаҳо ва ташкилотҳои манфиатдор равон карда шавад, ҷавобгар мебошанд.

Рӯйихати ирсолот дар мавриди кам будани шумораи суроғаҳо (то 4) дар пушти саҳифаи охирини лоиҳаи фармон, супориш нишон дода мешавад.

## Мавзӯи 10. Таҳия намудани мактубҳо ва барқияҳо

*Нақша:*

1. *Тартиби таҳияи барқия ва матни он*
2. *Тартиби таҳия намудани мактуб*
3. *Зарурияти мактуб*

Барқияҳо танҳо аз рӯи масъалаҳои таъҷилӣ ва ҳолатҳое, ки воситаҳои дигари додани ахборот мавҷуд нест, ирсол карда мешаванд. Дар таркиби барқия зарурияtҳои ҳуҷҷатҳои зерин дохил мешаванд: номи санад, қайд дар хусуси дараҷаи барқия, суроға, матн, рақами содирот, номи мухтасари шахси мансабдори барқияро имзонамуда ва имзо. Матни барқия кӯтоҳ баён ёфта дар як тарафи варақ дар ду нусҳаи бо ҳарфҳои калон, бо фосилаи як хат дар миён бе гузаронидани қисми калима, сархат, пайвандакҳо, пешояндҳо чоп карда мешавад.

Вобаста ба мазмуни мактубҳо ба мактуб-дархост, мактуб-ҷавоб, мактубҳои мушоидавӣ, таблиғотӣ, кафолатӣ, мактубҳои тасдиқкунанда, бахотиррасонӣ, хуласакунӣ, огоҳкунӣ ва ғайра тақсим карда мешаванд.

Дар мактуб-ҷавобе, ки ба хориҷа ирсол мегардад, насаб ва телефони иҷрокунанда, ҳамчунин индекси пурраи ҳуҷҷат қайд карда мешавад.

## 1. Муқаррароти умумӣ

Дастурамал дар бораи коргузорӣ дар Раёсати минтақавии гумрукӣ дар вилояти Суғд (минбаъд – Дастурамал) қоидаҳои ягонаи ташкил ва пеш бурдани коргузориро дар воҳидҳои сохтории Раёсати минтақавии гумрукӣ дар вилояти Суғд (минбаъд – Раёсат) муқаррар менамояд.

Қоидаҳои дар Дастурамал зикргардида ба ҳуҷҷатҳои хусусияти махфӣ надошта, ҳамчунин дар ҳолатҳои муқарраршуда ба ҳуҷҷатҳои мӯҳри «Барои истифодаи хизматӣ» дошта тааллуқ дорад.

Тартиби коргузорӣ бо ҳуҷҷатҳои махфӣ аз рӯи тартиби муқаррарнамудаи қонун анҷом дода мешавад.

Коргузорӣ доир ба мактубҳо, арзу шикояти шаҳрвандон, муроҷиати шахсӣ мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиати шаҳрвандон» ва Дастурамал дар бораи коргузорӣ доир ба муроҷиати шаҳрвандон, пеш бурда мешавад.

Мусъулияти бурдани коргузорӣ, таъмини баҳисобгирӣ, нигоҳдорӣ, саривақт дида баромадан ва иҷрои ҳуҷҷатҳо дар воҳидҳои сохтории Раёсат ба зиммаи роҳбарони онҳо гузошта мешавад.

Назорати риояи талаботи коргузорӣ дар воҳидҳои сохтории Раёсат аз ҷониби котиботи Раёсат (минбаъд – Котибот) таъмин карда мешавад.

Роҳбарони воҳидҳои сохторӣ кормандони ба кор қабулшударо, бо гирифтани имзо дар Дастурамали мазкур ва ҳуҷҷатҳои дигари фаъолияти Раёсатро танзимкунанда шинос мекунад.

Дар мавриди аз кор озод шудан ё ба кори дигар гузаштан корманди Раёсат бо супориши роҳбари воҳиди сохторӣ парванда ва ҳуҷҷатҳои иҷронагрдида, таҳти назорат қарордошта ва маводҳои ахборотии ҷамъшударо ба корманди дигар месупорад.

Доир ба ҷамъшударо ва додани парвандаҳои хизматӣ санад тартиб додашуда, дар он ҳуҷҷатҳои супоридашаванда зикр гардида, ҳолати иҷрои масъалаҳои ҳалнагардида дар рӯзи супоридани ҳуҷҷатҳо шарҳ дода мешавад.

Санад аз ҷониби кормандони ҳуҷҷатсупоранда, ҷамъшудароиҷрокунанда ба имзо расида, аз ҷониби сардори воҳиди сохторӣ тасдиқ карда мешавад.

Ба кормандони Раёсат манъ аст:

- ҳуҷҷатҳои хизматиро ба хона баранд, ҳамчунин бе розигии Сардори Раёсат ё муовинони он (минбаъд – роҳбарияти Раёсат) ба кормандони дигар вазоратҳо, идораҳо, ташкилотҳо ва шахсони ҳуқуқию воқеӣ диҳанд;
- дар гуфтугузори шахсӣ ва сӯҳбатҳо дар воҳидҳои сохтории Раёсат истифода бурдани маълумоте, ки аз ҳуҷҷатҳои хизматии маҷлисҳои назди роҳбарияти Раёсат бармеояд.

Мукотиба бо муассисаҳо, ташкилотҳо, шаҳрвандон, Раёсат ва воҳидҳои сохтории он мутобиқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забон» сурат мегирад.

## 2. Бақайдгирии ҷамъшуда ва ирсол намудани муросилоти воридшаванда ва содиршаванда

### Ҷамъшудароии ҳуҷҷатҳо

Ҳамаи ҳуҷҷатҳои ба Раёсат воридгардида, аз ҷониби котибот ҷамъ карда мешавад. Дар вақти ғайрикорӣ (пас аз анҷоми рӯзи корӣ, дар рӯзҳои истироҳат ва рӯзҳои ид) муросилоти ҳукуматӣ, барқияҳои таъҷилӣ, факсомаграммаҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои воридотӣ аз ҷониби навбатдори масъули Раёсат маводҳои ҷамъшударо ба котибот месупорад.

Ҳуҷҷатҳое, ки ба суроғаи Раёсат равон карда шудаанд, вале онҳоро бевосита кормандони воҳидҳои сохторӣ гирифтаанд, бояд ба Котибот супорида шаванд.

Муросилоти ҷамъшударо котибот, ғайр аз лифофиҳое, ки навиштаҷоти «шахсан» доранд, кушода мешавад. Дар мавриди кушодани лифофаҳо дуруст равон кардан ва ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳо санҷида шуда, рақами онҳо бо рақамҳои баҳисобгирӣ, ки дар лифофаҳо нишон дода шудааст, муқоиса карда мешавад. Муросилоти саҳван дастрасшуда аз рӯи тобеият фиристонида мешавад ё ба ирсолкунанда баргардонида мешавад.

Дар мавриди камбудӣ ё зарар дидани ҳуҷҷатҳо дар лифофаҳо дар ду нусха санад тартиб дода шуда, як нусхаи он дар Котибот мемонад, нусхаи дигараш ба ирсолкунанда равон карда мешавад.

Муросилоти воридшуда дар котибот ҷобаҷо карда мешавад. Дар ин маврид маводҳои зерин истифода карда мешавад: руйихати ҳуҷҷатҳое, ки ба қайд гирифта мешаванд ва ба қайд гирифта намешаванд, руйихати воҳидҳои сохторӣ бо аломатҳои шартии онҳо (индексхо), феҳристи парвандахо.

Муросилоти фаврӣ мувофиқи таъинот фавран пешниҳод карда мешавад. Коркард ва додани муросилоти боқимонда бояд дар рӯзи ворид шудани он ба Котибот анҷом дода шавад. Дар мавриди ворид шудани ҳуҷҷатҳо дар вақти ғайрикорӣ, онҳо дар рӯзи аввали корӣ дар Котибот ба қайд гирифта мешаванд.

Аз номи роҳбарияти Раёсат ба воҳидҳои сохтории он додани ҳуҷҷатҳо танҳо тавассути Котибот, аз номи роҳбарони воҳидҳои сохторӣ ба иҷрокунандаҳо

тавассути кормандоне, ки коргузориро мебаранд, ба амал баровarда мешавад. Ҳуҷҷатҳо бо қайди дахлдор дар китоби баҳисобгирӣ дода мешаванд.

## 3. Бақайдгирии ҳуҷҷатӣ

Бақайдгирии ҳуҷҷатҳо – ин сабти маълумотҳои зарурӣ доир ба ҳуҷҷатҳо бо мақсади таъмини баҳисобгирӣ, ҷустуҷуи ҳуҷҷатҳо, ҳамчунин назорат аз болои иҷро ва гардиши онҳо мебошад.

Дар котибот ҳамаи ҳуҷҷатҳои дар Раёсат таҳияшаванда, ки барои баҳисобгирӣ ва бо мақсади маълумотдиҳӣ ва истифодабарӣ таҳия мегарданд ва аз ташкилоти дигар ва шахсони воқеӣ ворид мешаванд, ба қайд гирифта мешаванд.

Ҳуҷҷатҳо дар Раёсат як маротиба ба қайд гирифта мешаванд: воридот – дар рӯзи воридшавӣ, дар Раёсат таҳиягардида – дар рӯзи тасдиқ шудан ё ба имзо расидан.

Бақайдгирии ҳуҷҷатҳо дар доираи гурӯҳҳо вобаста ба намуди ҳуҷҷатҳо, муаллиф ва маҷмӯи он ба амал баровarда мешавад.

Ҳуҷҷатҳои аз Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси Миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон воридгардида, фармонҳо, фармоишҳо, фармонҳо оид ба масъалаҳои кадрӣ ва ғайра алоҳида ба қайд гирифта мешаванд.

Дар ҳамаи ҳуҷҷатҳои воридшуда дар кунҷи рости поёни саҳифаи аввал тамға (штамп) гузошта шуда, дар он рақами ҳуҷҷат ва санаи воридот (бақайдгирӣ) нишон дода мешавад.

Бақайдгирии ҳамаи ҳуҷҷатҳои воридшуда, тасдиқи нусхаи онҳо ва фиристонидани онҳо дар Котибот сурат мегирад.

Дар ҳуҷҷатҳои содиротӣ рақам, ки он аз индекси котибот (барои ҳуҷҷатҳои роҳбарияти Раёсат имзогузошта) ё воҳиди сохторӣ (барои ҳуҷҷатҳои роҳбарони воҳидҳои имзогузошта), аломати каср, ном ва насаби шахси мансабдори имзокунанда ва рақами тартибии содирот иборат мебошад, масалан:

- 03/РХ – 325, ки 03 – индекси ШТНГ, Р.Х. ном ва насаби шахсӣ мансабдори имзокунанда ва 325 – рақами тартибии содиротиро ифода мекунад.

Рақами содиротии ҳуҷҷат ва сана дар варақи тоза топаи кунҷи (штампи) ё дар кунҷи чапи болои ҳуҷҷат, аз болои сарлавҳа гузошта мешавад. Агар ҳуҷҷати содиршаванда ҷавобӣ бошад, ба рақам ва санаи ҳуҷҷат-дархост (рақам ва санаи ҳуҷҷати муассисаи тартибдиҳанда)-ро ишора кардан зарур аст.

Дар мавриди бақайдгирии муросилоти содиршаванда корманди котибот вазифадор аст, ки дуруст навишта шудани суроға, дар ҳуҷҷат, мавҷуд будани замима, сарлавҳа ва қайдро доир ба иҷро: санҷида барояд, нусхаро тасдиқ кунад, рақами содиротӣ диҳад ва дар китоби баҳисобгирӣ қайди дахлдорро гузаронад.

Дар ҳуҷҷатҳое, ки ба мақомоти болоӣ, ҳамчунин воҳидҳои сохтории Раёсат равон карда мешаванд, суроға сабт карда намешавад.

## 4. Гардиш ва бақайдгирии ҳуҷҷатҳо дар котибот

Дар мавриди ворид шудани ҳуҷҷатҳо ба суроғаи Раёсат, котибот, шахси мансабдорро барои дида баромадани онҳо муайян менамояд.

Ҳамаи муросилот баъд аз коркард ва қайд намудан дар китобҳои воридотии котибот ба сардори Раёсат ё шахси ӯро ивазкунанда пешниҳод карда мешавад.

Муросилот бо назардошти масъалаҳои дарбаргиранда, барои баррасӣ ва иҷроиш ба муовинони (мутасадди) Сардори Раёсат ё бо роҳи шиносонидани онҳо ба воҳидҳои сохтории Раёсат фиристонида мешавад.

Пас аз шиносии Сардори Раёсат ё шахс онро ивазкунанда ҳуҷҷат ба котибот баргардонида мешавад ва мутобиқи имзогузорӣ (манзури-виза), он тавассути корманди пешбарандаи коргузорӣ бо гирифтани имзо дар реестри баҳисобгирӣ ба воҳидҳои сохтории Раёсат супорида мешавад.

Агар дар ҳуҷҷат мувофиқи имзои сардори Раёсат (муовини сардори Раёсат) якчанд иҷрокунанда нишон дода шавад, ҳуҷҷатҳо барои ҷамъбаст ба шахсе, ки ҳамчун иҷрокунандаи якӯм нишон дода шудааст, тавассути котибот сурат мегирад.

Китобҳои бақайдгирии ҳуҷҷатҳои содиротӣ, риштабандӣ ва рақамгузорӣ карда шуда, аз ҷониби котибот мӯҳр гузошта мешавад.

Корманде, ки дар воҳидҳои сохторӣ коргузориро пеш мебарад, муросилоти гирифтаашро дида мебарояд ва дар китоби воридотӣ ба қайд гирифта барои ба роҳбарият пешниҳод кардан онҳоро ҷудо мекунад.

Пас аз дида баромадани ҳуҷҷатҳо аз ҷониби роҳбарияти воҳиди сохторӣ, корманде, ки коргузориро пеш мебарад, ҳуҷҷатҳоро ба иҷрокунанда барои иҷро бо имзо дар китоби ҳуҷҷатҳои воридшуда медиҳад.

Китоби бақайдгирии ҳуҷҷатҳои воридотӣ, риштабандӣ ва рақамгузорӣ карда шуда, аз ҷониби котибот мӯҳр гузошта мешавад.

## Бақайдгирии ҳуҷҷатҳо дар мақомоти гумрук




## Гардиши ҳуҷҷатҳо дар воҳидҳои сохторӣ

Агар дар ҳуҷҷат мувофиқи имзои роҳбари воҳиди сохторӣ якчанд иҷрокунанда нишон дода шуда бошад, дар чунин ҳолат аз як корманд ба корманди дигар додани он, танҳо тавассути корманди пешбарандаи коргузорӣ, ки дар китоби ҳуҷҷатҳои воридшуда дар ин хусус қайд мекунад, ба амал бароварда мешавад.

Агар аз мазмуни ҳуҷҷат маълум гардад, ки он саҳван ба ин ё он воҳиди сохторӣ равон карда шудааст, корманди пешбарандаи коргузорӣ дар китоб қайди дахлдор мекунад ва ҳуҷҷатро ба котибот бо мактуби аз ҷониби роҳбари воҳиди сохторӣ имзогузошта бармегардонад.

Пас аз иҷрои ҳуҷҷат ё шиносонидани он бо ҳамаи кормандони масъул, корманди пешбарандаи коргузорӣ, дар ин хусус дар китоб қайд мекунад.

Дар ҳуҷҷати иҷрошуда иҷрокунанда доир ба кори иҷрогардида ба таври мухтасар қайд мекунад ва ҳуҷҷат ба корманди пешбарандаи коргузорӣ дода мешавад, ки он дар асоси қайди роҳбарияти воҳиди сохторӣ ба парвандаи марбута ҳамроҳ карда мешавад.

Бо ҳуҷҷатҳои барои шиносонидан воридгардида, кормандони воҳиди сохторӣ бо гузоштани имзо шинос карда мешаванд.

# 5. Коркарди муросилоти содиршуда дар воҳидҳои сохторӣ

Ҳуҷҷатҳои содиршавандаи роҳбарияти Раёсат имзокардаро аз иҷрокунандаҳо кормандони пешбарандаи коргузорӣ ҷамъшударо карда, барои бақайдгирӣ ва ирсол намудан ба Котибот медиҳанд. Ҳуҷҷатҳои содиршаванда-ҷавобҳо барои бақайдгирӣ танҳо ҳамроҳи ҳуҷҷатҳо-дархостҳо (асос) ҷамъшударо карда мешаванд.

Пас аз рақамгузории содиротӣ, нусхаи ҳуҷҷати аз ҷониби роҳбарияти Раёсат имзогардида, барои ба парванда ҳамроҳ намудан ба воҳиди сохторӣ баргаронида мешавад.

Дар воҳидҳои сохторӣ ҳамаи парвандаҳо аз ҷониби корманде, ки коргузориро пеш мебарад, ташкил ва нигоҳ дошта мешавад. Иҷрокунандаҳо танҳо ҳуҷҷатҳоеро дар худ нигоҳ медоранд, ки таҳти иҷрои онҳо қарор доранд. Ҳуҷҷатҳои хизматӣ бояд дар миз ва ё дар сейф нигоҳ дошта шаванд.

# 6. Тартиби дида баромадан ва иҷрои ҳуҷҷатҳои хизматӣ

Ҳамаи ҳуҷҷатҳои воридшуда бояд аз ҷониби роҳбарияти Раёсат ва воҳидҳои сохтории он дар рӯзи воридот дида баромада шаванд.

Натиҷаи дида баромадани ҳуҷҷатҳо дар имзогузорӣ инъикос меёбад. Имзогузорӣ дар қисми рости болои вароқи аввали ҳуҷҷат байни гиранда ва матни ҳуҷҷат, бе расонидан ба матн, ё дар вароқаи алоҳида сабт карда мешавад.

Ҳангоми имзогузорӣ, ҳамчун қоида бояд нишон дода шавад: ному насаби иҷрокунанда (ҳо), ё индекси воҳиди сохторӣ амали таъиншуда, тартиб ва мӯҳлати иҷрои ҳуҷҷат, имзои роҳбар ва санаи имзо.

Дар ҳуҷҷат бояд танҳо як имзо бошад, имзоҳои минбаъдаи роҳбарон ҳангоме рухсат дода мешавад, ки дар онҳо тартиби иҷрои ҳуҷҷат тафсир гардида бошад.

Супориш доир ба иҷрои ҳуҷҷат, ҳамчун қоида ба шахси мансабдор дода мешавад. Агар якчанд иҷрокунанда муайян шуда бошад, пас барои иҷрои ҳуҷҷат шахси аввал нишондодашуда масъул ба ҳисоб меравад. Ҳамиҷрочиҳо вазифадоранд, ки то мӯҳлати иҷрои баррасии ҳуҷҷат пешниҳоди худро ба иҷрокунандаи аввал

фиристонанд. Ҳамиҷрочиҳо барои сари вақт ва хушсифат иҷро гардидани супориш бо иҷрокунандаи асосӣ баробар ҷавобгӯ мебошанд.

Ҳуҷҷатҳое, ки иҷрои онҳо ба якчанд воҳидҳои сохторӣ вобастагӣ дорад, дар як вақт дода мешаванд. Ҳуҷҷатҳои таъҷилӣ аз ҷониби Котибот нусхабардорӣ карда мешаванд.

Ҳуҷҷатҳое, ки барои шинос шудан ба воҳидҳои сохторӣ фиристонида мешаванд, дар мӯҳлати кӯтоҳи имконпазир, ҳамчун қоида, на дертар аз як рӯз бояд ба Котибот баргаронида шаванд.

Лоиҳаи мактубҳо ё ҳуҷҷати супоришотие, ки бо назардошти талаботи Дастурамали мазкур тайёр карда шудаанд, барои имзо намудан ба роҳбарияти Раёсат бо ҳуҷҷате, ки баҳри иҷрои он ҳуҷҷати нав таҳия шудааст, дода мешавад.

Агар ҳалли масъалаи дар ҳуҷҷат баёнгардида ба мӯҳлати зиёда аз 30 рӯз бе таъхир монда шавад, иҷрокунанда дар ин хусус ирсолкунандаро огоҳ мекунад.

Ҷавоби фосилавӣ, ба мисли қайд дар бораи огоҳонидани ирсолкунанда тавассути телефон доир ба таъхир додани иҷро, ҳамчун ҳуҷҷати иҷрошуда ҳисобида намешавад.

Доир ба иҷрои супориши роҳбарияти Раёсат дар тарафи чапи ҳуҷҷат аз ҷониби иҷрокунанда дар бораи ҳалли масъалаҳои гузошташуда ба таври мухтасар маълумот баён карда мешавад.

Қайд дар бораи иҷрои ҳуҷҷат ва ба парванда ҳамроҳ намудан ба таври зерин сурат мегирад:

- дар ҳуҷҷатҳо бо имзои роҳбарияти Раёсат;
- дар ҳуҷҷатҳо бо имзои роҳбарияти гумрукҳои тобеъи Раёсат.

Қайд дар бораи иҷро бояд калимаҳои «Ба парванда»-ро дар бар гирад. Дар ҳуҷҷатҳо бо томпаи (штампи) «назорати махсус», «назорат», баъди гузоштани қайди «Ба парванда», аз назорат гирифта шавад. Ҳамчунин, индекси парванда, ки ҳуҷҷат дар он нигоҳ дошта мешавад ва маълумоти мухтасар дар бораи иҷрои ҳуҷҷат нишон дода шавад.

Қайд дар бораи иҷро дар қисмати поёнии саҳифаи аввали ҳуҷҷат ҷо дода мешавад.

## 7. Баҳисобгирии ҳаҷми гардиши муросилот

Ҳаҷми гардиши муросилот дар худ ба таври умумӣ ҳуҷҷатҳои воридшуда, содиршуда ва дохилиро дар давраи муайян, чун қоида ҳар семоҳа ифода мекунад.

Маълумотҳо доир ба гардиши ҳуҷҷатҳо ба таври мунтазам аз ҷониби Котибот таҳлил карда шуда, натиҷаи таҳлил ба роҳбарияти Раёсат арз карда мешавад.

## 8. Таҳия намудан ва барасмият даровардани ҳуҷҷатҳои хизматӣ

Ҳуҷҷатҳо, новобаста аз он ки онҳо дар варақаҳои тоза ё варақа (бланк) чоп карда мешаванд, дар варақаҳои андозаи стандартӣ ба расмият даровард мешаванд.

Барои таҳия намудани ҳуҷҷатҳо дар Раёсат ду намуди варақаҳо истифода бурда мешаванд: варақаи мактубҳои хизматӣ ва варақа барои интишори фармон.

Варақаҳои ҳуҷҷатҳо бояд маълумотҳои хаттии (реквизитҳои) зеринро дошта бошанд: номи Раёсат, номи ҳуҷҷат, сарлавҳаи матн, ки мазмуни кӯтоҳро ифода мекунад, суроға, сана, мӯҳри мувофиқат, тасдиқкунии ҳуҷҷат (имзо, тасдиқ, мӯҳргузорӣ) қайд доир ба воридот, иҷроиш ва фиристонидани ҳуҷҷат ба парванда.

Ҳуҷҷатҳои дохилӣ (гузоришҳо, эзоҳот, аризаҳо ва ғайра) дар варақаи қоғази меъёрии андозаи стандартӣ таҳия карда мешаванд.

## 9. Ба суроға равон кардани ҳуҷҷатҳо

Ҳангоми ба суроғаҳо ирсол намудани ҳуҷҷатҳо номи муассисаҳо, ташкилотҳо ё воҳидҳои сохтории онҳо ва дар мавриди ба суроғаи роҳбари ташкилот ё муовини ӯ равон намудани ҳуҷҷат, ном ва насаби онҳо нишон дода мешаванд.

Дар мавриди ирсол намудани ҳуҷҷат ба якчанд суроға маълумоти ҳатмӣ (реквизитҳо) ба таври умумӣ нишон дода мешаванд.

Масалан: Ба сардорони гумрукҳои тобеъи Раёсати минтақавии гумрукӣ дар вилояти Суғд.

Суроғаи алоқавӣ мутобиқи қоидаҳои почтавӣ сабт карда мешавад. Дар ҳуҷҷатҳое, ки ба ташкилоти болоӣ ва ирсолкунандагони доимӣ равон карда мешаванд, суроға нишон дода намешавад, дар чунин ҳолатҳо лифофиҳое, ки дар онҳо суроға чоп гардидаанд, метавонад мавриди истифода қарор ёбанд.

Агар ҳуҷҷат ба шахсони алоҳида ирсол карда шавад, дар ин ҳолат аввал суроғаи алоқавӣ чоп карда мешавад, сипас ном ва насаби гирандаи ҳуҷҷат.

Дар ҳуҷҷатҳои дохилӣ (гузоришҳо, шарҳу эзоҳот, аризаҳо ва ғайра) танҳо вазифа баён гардида, унвонҳои тахассусӣ зикр карда намешаванд.

Агар ҳуҷҷат ба шахсӣ унвони ҳарбӣ, унвони шахсӣ, унвони илмӣ ва дараҷаи илмӣ дошта ирсол гардад, суроға ба таври зайл нишон дода мешавад:

Ба Сардори гумруки вилояти Суғд,
полковники хадамоти гумрук
_______________(ному насаб)

Ба генерали майори хадамоти гумрук
_______________(ному насаб)

Ба доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ
_______________(ному насаб)

Ҳуҷҷат набояд зиёда аз чор суроғаро дар бар гирад. Калимаи «нусха» пеш аз суроғаҳои 2-юм, 3-юм ва 4-ум навишта намешавад. Ҳамаи нусхаҳои ҳуҷҷати ирсолшаванда имзо карда мешаванд.

Дар мавриди ирсол намудани ҳуҷҷат ба зиёда аз чор суроға танҳо нусхаи аслӣ, ки дар Раёсат мемонад, имзогузорӣ карда мешавад.

Нусхаи аслӣ нусхабардорӣ карда шуда, аз ҷониби иҷрокунанда барои ирсол намудан миқдори муайяни нусхаҳо гирифта мешавад. Ҳуҷҷат мутобиқи рӯйихати ирсолот ирсол карда мешавад.

Дар ҳар як нусхаи ҳуҷҷат танҳо як суроға зикр карда мешавад. Рӯйихати ирсолот ҳамроҳи нусхаи аслии ҳуҷҷат нигоҳ дошта мешавад.

## 10. Тасдиқи ҳуҷҷатҳо

Тарзи махсуси мавриди амал қарор ёфтани ҳуҷҷат тасдиқ намудани он мебошад. Ҳуҷҷат аз ҷониби роҳбарони Раёсат, ки ба салоҳияти онҳо ҳалли масъалаҳои дар ҳуҷҷатҳо баён гардида ва тасдиқшуда дохил мешаванд, тасдиқ мешавад.

Тасдиқи ҳуҷҷат бо гузоштани мӯҳри тасдиқкунанда ё дарҷ намудани ҳуҷҷати супоришотӣ (дар ҳолатҳое, ки нишондоди иҷроия ё шарҳ талаб карда мешавад) сурат мегирад.

Мӯҳрӣ тасдиқ бо яке аз ин ду тарз таҳия мегардад:

«Тасдиқ мекунам»
Сардори Раёсати минтақавии
гумрукӣ дар вилояти Суғд
имзои шахсӣ, ному насаб ва номи
падар, рутба,
таърихи рӯз

Бо фармони Сардори Раёсати
минтақавии гумрукӣ дар
вилояти Суғд аз таърихи рӯз
№_______ тасдиқ шудааст.

Ҳамчун қоида ҳуҷҷатҳо дар намудҳои зерин тасдиқ карда мешаванд: низомномаҳо, дастурамалҳо, оинномаҳо, ҳисобот ва тавозун, сохтор, ҷадвали штатӣ, нақшаҳои корӣ, санадҳои хусусияти назоратӣ-тафтишотӣ дошта, феҳристи ҳуҷҷатҳо ва чадвалҳои навбатӣ.

## 11. Номгӯи ҳуҷҷатҳо

Дар ҳар ҳуҷҷат (ғайр аз мактубҳо) номгуи он нишон дода мешавад, ба монанди ҷадвали воҳиди корӣ фармон, фармоиш, супориш, маълумотнома, гузориш ва ғайра.

## 12. Санаи ҳуҷҷат

Сана дар қисми чапи болои ҳуҷҷат ҳамроҳи рақам гузошта мешавад. Дар барқия санаи ирсол таҳти хате, ки номгуйӣ ва суроғаи ирсолкунанда ҷо дода мешавад, нишон дода мешавад.

Санаи имзо, тасдиқ, мувофиқаи ҳуҷҷат, ҳамчунин санаҳои дар матн буда, бояд бо рақам ифода ёбанд.

Масалан: 20.09.2007

Тарзи таҳияи санадҳои калимавию рақамӣ, ҳамчун қоида дар ҳуҷҷатҳои хусусияти молиявидошта роҳ дода мешавад.

## 13. Рақами ҳуҷҷат

Рақам дар қисми чапи болои ҳуҷҷат гузошта мешавад.

Дар ҳуҷҷатҳои содиршаванда ба рақами ҳуҷҷати гирифташуда ишора карда мешавад.

Дар ҷавобҳо дар матн аввал рақами ҳуҷҷате, ки иҷро карда мешавад, қайд карда мешавад.

## 14. Сарлавҳаи ҳуҷҷат

Сарлавҳа дар ҳама гуна ҳуҷҷат ба таври хаттӣ таҳия карда мешавад. Сарлавҳа аз ҷониби тартибдиҳандаи ҳуҷҷат, кӯтоҳ, бо як ибора ифода гардида, ба саволи «Дар бораи чӣ?» бояд ҷавоб диҳад.

**Масалан**, «Дар бораи тасдиқи нақшаи кории Раёсати минтақавии гумрукӣ дар вилояти Суғд барои нимсолаи 2-юми соли 2007», «Дар бораи бекор кардани...».

Сарлавҳа дар қисми чапи болои матн ҷой дода мешавад.

Агар ҳуҷҷат якчанд масъаларо дар бар гирад, сарлавҳа ба таври умумӣ ифода меебад.

Дар ҳуҷҷатҳои ахборотии аз рӯи ҳаҷм нисбатан зиёд, ки фаслҳои мустақилро дарбар мегирад, истифодабарии зерсарлавҳаҳо роҳ дода мешавад (бо ҳарф).

Сарлавҳа дар барқияҳо, огоҳиномаҳо, дар мактубҳо ба шаҳрвандон гузошта намешавад.

## 15. Рақамгузорӣ

Дар ҳуҷҷатҳое, ки дар ду саҳифа ва зиёда аз он таҳия шудаанд, саҳифаи дуюм ва саҳифаҳои минбаъда рақамгузорӣ карда мешаванд.

Рақамҳои саҳифаҳо дар байни қисми болои варақ, бо рақамҳои арабӣ ва аломатҳои китобатӣ гузошта мешавад. Масофаи аз рақами алоҳида то қисми болои варақ набояд аз 15 мм зиёд бошад.

## 16. Мувофиқакунонӣ

Мувофиқакунонӣ роҳи пешакӣ дида баромадан ва ба лоиҳаи ҳуҷҷат баҳо додан ба ҳисоб меравад. Мӯҳри мувофиқа аз калимаҳои «Мувофиқа карда шудааст», номи корхона, муассиса ва ташкилот (воҳид), ки ба онҳо ҳуҷҷат мувофиқа карда мешавад, шарҳи он ва сана иборат мебошад.

Мувофиқакунонии ҳуҷҷат ҳам дар дохили Раёсат (бо шӯъбаҳо), ҳам дар берун аз он сурат мегирад.

Агар мувофиқакунонӣ ба мақомоти дастаҷамъӣ сурат гирад, дар ин ҳолат дар сутуни мувофиқакунонӣ намуди ҳуҷҷатҳое, ки мувофиқакунонӣ, рақами он ва номи ташкилот сабт шудааст, зикр карда мешавад.

Дар мавриди мувофиқакунонӣ бо якчанд ташкилот варақаи мувофиқакунонӣ тартиб дода мешавад.

Шакли мувофиқакунонии дохилии лоиҳаи ҳуҷҷат бо шӯъбаҳо ва роҳбарияти Раёсат имзогузорӣ кардани лоиҳа ба ҳисоб меравад.

Дар мавридҳои зарурӣ мансаби шахси имзогузошта нишон дода мешавад.

Эроду иловаҳо ба лоиҳаи ҳуҷҷат дар шакли аниқу банди мушаххас ё ҷумлаи асоснок дар варақи алоҳида баён гардида, дар паҳлӯи имзо «Ба эродҳо нигар» қайд карда мешавад.

Имзогузорӣ дар болои нусхаи ҳуҷҷатҳое гузошта мешавад, ки дар ташкилот мемонад (фармон, супориш ва ғайра). Мактубҳо, барқияҳо ва ҳуҷҷатҳои дигари содиршаванда дар нусхае, ки дар Раёсат мемонад, имзогузорӣ карда мешаванд.

Лоиҳаи ҳуҷҷатҳое, ки барои имзо ба роҳбарияти Раёсат пешниҳод карда мешаванд, бояд аз ҷониби тартибдиҳандаи ҳуҷҷат, роҳбари воҳидӣ ҳуҷҷатро тайёрнамуда, роҳбарони воҳидҳои сохтории манфиатдор, имзогузорӣ гарданд. Ҳуҷҷатҳои барои имзо ба сардори Раёсат пешниҳодшуда, ғайр аз ин, бояд имзоҳои муовинони сардор, сардорони шуъбаҳои мустақил, ки ба иҷрои ин ҳуҷҷат алоқаманд мебошанд, дошта бошанд.

Лоиҳаи фармон доир ба фаъолияти асосии воҳидҳои сохтории Раёсат дар пушти варақи охирин, ба таври ҳатмӣ аз ҷониби роҳбароне, ки ба нишонии онҳо супориши марбута мавҷуд аст, имзогузорӣ карда мешавад.

Дар ҳолати мухолифат доир ба супоришҳои алоҳидаи роҳбари фикри махсусдошта, дар паҳлӯи имзои худ навиштаҷоти «Бо эродҳо»-ро сабт менамояд. Эродҳо дар варақи алоҳида бо имзои роҳбари эродҳоро пешниҳоднамуда, пешниҳод карда мешавад.

Пас аз мувофиқа бо роҳбарони супоришро иҷрокунанда, фармон (фармоиш) ба таври ҳатмӣ имзогузорӣ карда мешавад:

- аз ҷониби муовини аввали сардори Раёсат;
- аз ҷониби муовинони сардори Раёсат;
- аз ҷониби Котибот;
- аз ҷониби ҳуқуқшинос;
- аз ҷониби шӯъбаи таҳиянамуда.

Дар қисми поёни варақи мувофиқаи фармон, (фармоиш) иҷрокунанда нақшаи ирсоли фармонро омода менамояд.

Ирсолот аз ҷониби сардори шуъбаи фармони дахлдорро пешниҳоднамуда имзо карда мешавад.

Дар мавриди барои имзо ба сардори Раёсат пешниҳод намудани фармонҳо доир ба ҳайати шахсӣ (дар бораи таъинот, ҷойивазкунӣ, ҳавасмандгардонӣ, аз кор озод кардан, дар бораи ҷазо додан, сафарҳои хизматӣ) дар пушти варақ имзогузории муовини аввали сардори Раёсат, муовини сардори Раёсат, сардори Котибот, шӯъбаи кадрҳо ва кор бо ҳайати шахсӣ, шӯъбаи молиявӣ-хоҷагӣ ва ҳуқуқшинос ҳатмӣ мебошад.

Ҳуҷҷатҳое, ки аз номи сардори Раёсат ба унвони Раиси вилоят ва Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол мегарданд, аз ҷониби сардори Раёсат, дар мавриди набудани ӯ – муовини аввали сардори Раёсат ба имзо расида, минбаъд дар муддати ниҳоят кӯтоҳ, мазмуни чунин ҳуҷҷатҳо аз ҷониби Котибот ба таври ҳатмӣ ба маълумоти сардори Раёсат расонида мешавад.

Ҳуҷҷатҳои аз номи Раёсат ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар вазорат ва ташкилоту муассисаҳои ҷумҳуриявӣ, роҳбарони (шахсони) аввали мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияҳо ва шаҳрҳо ирсолшаванда аз ҷониби сардори Раёсат, дар набудани ӯ – муовини аввали сардори Раёсат ё муовини (мутасадди) сардори Раёсат ба имзо расида, минбаъд, дар муддати ниҳоят кӯтоҳ мазмуни чунин ҳуҷҷатҳо аз ҷониби Котибот ба таври ҳатмӣ ба маълумоти сардори Раёсат расонида мешавад.

Фармонҳо ва супоришҳо аз ҷониби сардори Раёсат, дар набудани ӯ – муовини аввали сардори Раёсат ба имзо расида, минбаъд дар муддати ниҳоят кӯтоҳ, мазмуни чунин ҳуҷҷатҳо аз ҷониби котибот ба таври ҳатмӣ ба маълумоти сардори Раёсат расонида мешавад.

Мукотиба бо воҳидҳои тобеи Раёсат ва субъектҳои фаъолияти иқтисодии ҳориҷӣ доир ба масъалаҳое, ки дар ҳудуди қонунгузориҳои амалкунандаи гумрук, қонунгузориҳои дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳалли худро меёбанд, метавонанд аз ҷониби муовинони мутасаддии Раёсат, бо назардошти тақсимоти вазифаҳои хизматӣ байни сардори Раёсат ва муовинони он имзо карда шаванд.

Мукотиба байни воҳидҳои сохтории Раёсат бо имзои сардорони воҳидҳои сохторӣ ё муовинони онҳо сурат мегирад.

Мукотиба байни воҳидҳои сохтории Раёсат бо воҳидҳои сохтории тобеи он (гумрукҳо ва дидбонгоҳҳои гумрукӣ) бо имзои муовинони мутасаддии сардори Раёсат сурат мегирад.

Реквизити «имзо» аз инҳо иборат аст: ному насаби шахси ҳуҷҷатро имзокарда, имзои шахсии ӯ ва вазифааш.

Дар ҳуҷҷатҳои бо имзои роҳбарони ду ё зиёда идораҳо имзои шахси мансабдор номи ташкилотро дар бар мегирад ва дар як хатти баробар гузошта мешавад.

Аввал имзои роҳбаре, ки ташаббускори тартиб додани ҳуҷҷат ба ҳисоб меравад, гузошта мешавад.

Нусхаи ҳамаи чунин ҳуҷҷатҳо, ки дар парвандаҳои Раёсат мемонанд, аз ҷумла замимаҳо бояд имзои аслии шахси мансабдорро дар бар гирад.

Ду ва ё зиёда имзоҳо дар ҳолате мешаванд, ки агар ба маҷмӯи ҳуҷҷат якчанд нафар ҷавобгӯ бошад (масалан: санадҳо, ҳуҷҷатҳои молиявӣ, ки аз ҷониби якчанд воҳиди сохторӣ таҳия шудаанд).

Имзои якчанд шахсони мансабдори Раёсат паиҳам, мутобиқи мансаби ишғолкарда ҷой дода мешавад.

Мактубҳо ва пешниҳодҳо доир ба масъалаҳои маблаггузорӣ, зиёд кардани шумораи баст, хароҷот оид ба барзиёд истифода бурдани фонди музди меҳнат танҳо аз ҷониби сардори Раёсат ва дар набудани ӯ – шахси ӯро ивазкунанда имзо карда мешавад.

Фармонҳо доир ба масъалаҳои таъин ва ҷобаҷогузории кадрҳо, ҳавасмандгардонӣ ва додани ҷазо аз ҷониби сардори Раёсат ё шахси ӯро ивазкунанда имзо карда мешавад.

## 17. Тасдиқи ҳуҷҷатҳо бо мӯҳр

Ба ҳуҷҷатҳое, ки нусхаи аслиашон тасдиқи махсусро талаб мекунанд, мӯҳр гузошта мешавад.

Дар ҳуҷҷатҳое, ки ҳуқуқҳои шахсони мансабдор, ҳодисаи хароҷоти воситаҳои пулӣ ва арзиши моддиро ба қайд мегиранд, ҳамчунин санадҳои ҳуқуқии пешбининамударо тасдиқ мекунанд, имзои шахси масъул бо мӯҳри нишонадори Раёсат тасдиқ карда мешавад.

Мӯҳр бояд чунон тарзе гузошта шавад, ки нақши он ба имзои аслӣ ва номи мансабдор расонида шавад.

## 18. Тасдиқи нусхаи ҳуҷҷатҳо

Нусхаи ҳуҷҷатҳо бо роҳи дар онҳо гузоштани қайд доир ба навиштаҷоти «дурустии нусхаи ҳуҷҷатҳоро тасдиқ мекунам», вазифа, ному насаби корманди нусхаро тасдиқнамуда, имзои шахсии ӯ ва сана тасдиқ карда мешавад.

Қайд дар бораи тасдиқ аз ҷойи (реквизити) «имзо» поёнтар гузошта мешавад.

Дар нусхаи ҳуҷҷатҳои содиршаванда, ки дар Раёсат мемонад, матни варақа такрор намеёбад, ба ҷои он санаи имзо гузошта мешавад.

Танҳо нусхаи ҳуҷҷатҳое тасдиқ карда мешаванд, ки онҳо дар Раёсат таҳия мегарданд.

## 19. Замимаҳо

Замимаҳои ҳуҷҷат метавонад се намуд бошанд:

- замимаҳое, ки бо ҳуҷҷати амрдиҳанда тасдиқ ё мавриди амал қарор меёбад,
- замимаҳое, ки мазмуни ҳуҷҷати асосиро шарҳ медиҳанд ё пурра мекунанд;
- замимаҳое, ки ҳуҷҷатҳои мустақил ба ҳисоб мераванд, бо мактубҳои мушоиятӣ равон карда мешаванд.

Дар мактубҳо доир ба мавҷуд будани замима дар поёни матн пеш аз ҷойи (реквизит) «имзо» қайд гузошта мешавад. Дар фармонҳо, фармоишҳо, супоришҳо, низомномаҳо, дастурамалҳо ( ва ба ҳамин монанд ҳуҷҷатҳо) мавҷудияти замима танҳо дар матн зикр карда мешавад.

Агар ҳуҷҷати як замима дошта, дар матн номбар шуда бошад, дар қайд доир ба мавҷудияти он танҳо миқдори варақаҳои дар замима мавҷудбуда ва шумораи нусхаҳо зикр карда мешавад.

Агар ҳуҷҷати замимадошта, дар матн номбар нашуда бошад, номи он бо миқдори варақаҳои ҳар як замима ва шумораи нусхаҳои онҳо зикр карда мешавад.

Агар замима ба шакли китобча (брошюра) дароварда шуда бошад, миқдори варақаҳо зикр карда намешавад.

Замима бояд ҳамаи ҷузъҳои барои ҳуҷҷат зарурро дошта бошад (ном, сарлавҳа, имзои шахсони ба мазмуни он масъул, сана, қайд доир ба мувофиқа, тасдиқ ва ғайра)

Замима бо имзои шахсе, ки ҳуҷҷати асосиро имзо кардааст, тасдиқ карда мешавад.

## 20. Талабот ба матни ҳуҷҷатҳо

Матни ҳуҷҷатҳои хизматӣ бояд дақиқ бошад, ба шарҳи гуногун роҳ надиҳад, кӯтоҳ ва бодиққат таҳрир шуда бошад.

Ҳуҷҷатҳое, ки дар асоси қонун, фармон, қарор ё амрномаҳои мақомоти болоӣ таҳия мегарданд, бояд дар матн ба онҳо ишора шавад (ном, сана, рақам ва сарлавҳа).

Ҳаҷми маълумотномаҳо, мактубҳо ва ҳуҷҷатҳои дигаре, ки ба мақомоти болоӣ пешниҳод мешаванд, набояд аз 4-5 саҳифа зиёд бошанд, доир ба масъалаҳои калон 8-10 саҳифа.

Матни ҳуҷҷатҳоро (дастурамалҳо, низомномаҳо ва ғайра) ба фасл, зерфасл, банд, зербанд, ки бо рақамҳои арабӣ рақамгузорӣ карда мешаванд, ҷудо кардан

мумкин аст. Фаслҳои - 1..2..3.. ва ғайра. Зерфаслҳои дар доираи фасл – 1.1.; 1.2.; 1.3. ва ғайра. Рақами банд 1.1.2; 1.1.3.; 1.1.4. ва ғайра.

Матн ҳамчун қоида бояд инҳоро дар бар гирад: дар қисми аввал – асос барои таҳия гардидани ҳуҷҷат, дар қисми дуюм – хулосаҳо, таклифҳо, қарорҳо, амрномаҳо, дархостҳо.

Дар мавридҳои алоҳида, матни ҳуҷҷат метавонад як қисмати хулосавӣ, бе сарсухани мактуб, дархости бешарҳро дар бар гирад.

Дар мавриди тайёр намудани матни ҳуҷҷатҳо пайи ҳам далелҳоро баён кардан, ҷумлаҳои мураккабро ба ҷумлаҳои сода иваз намудан, истифода бурдани калимаҳои кӯтоҳкардашуда, мутобиқи қоидаҳои ҷории имло ва аломатҳои китобатӣ зарур аст.

Тартибдиҳандаи ҳуҷҷат барои сари вақт, пурра, дуруст будани ахборот, мазмун ва босаводона баён ёфтани ҳуҷҷат ҷавобгӯ мебошад.

Ҳар як ҳуҷҷат бояд дар бораи тартибдиҳандаи он қайд дошта бошад.

Насаби тартибдиҳанда ва рақами телефони хизматии ӯ дар қисми поёнии рӯи варақи охирини ҳуҷҷат ҷой дода мешавад:

## 21. Таҳия намудани баъзе намуди ҳуҷҷатҳо

Ҳамаи муросилоти аз номи Раёсат содиршаванда ба таври зарурӣ дар варақаҳои мактубҳои хизматӣ (фирменный бланк), ки барои Раёсат пешбини шудааст, бояд иҷро карда шавад. Матни ҳуҷҷатҳо, ки ба Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят равон карда мешаванд, дар як тарафи варақ баъди як фосила (як хат дар миён) дар компютер ё дар мошинкаҳои чопкунӣ, бо ҳуруфоти равшану возеҳ чоп карда мешаванд. Ба ислоҳ ва тоза кардан роҳ дода намешавад.

Дар мавриди дар як вақт ирсол намудани ҳуҷҷат ба 2 суроға, барои мисол ба суроғаи Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят, барои ҳар як суроға нусхаи якумро чоп кардан лозим аст.

Дар ҳуҷҷатҳои бо супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳиякардашуда рақам ва санаи ҳуҷҷати воридшуда нишон дода мешавад.

Ҳуҷҷатҳое, ки аз мақомоти болоӣ ба роҳбарияти Раёсат ва воҳидҳои сохторӣ барои шинос шудан ворид шудаанд, пас аз шиносоӣ ба Котибот баргардонида мешаванд.

## 22. Тайёр кардан, ба расмият даровардан ва ирсол намудани фармонҳо, супоришҳо ва дастурамалҳои Раёсат

Фармонҳо ва супоришҳои Раёсат, ки хусусияти меъёрӣ доранд, бо мақсади иҷрои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳо ва фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фармонҳо ва фармоишҳои Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Точикитон ба табъ мерасанд.

Фармонҳо ва супоришҳо барои имзо ба сардори Раёсат ё шахси ӯро ивазкунанда пешниҳод карда мешаванд.

Имзогузорӣ намудани фармонҳо ва супоришҳо ба ҳамаи роҳбароне, ки суроғаи онҳо дар супоришоти санади меъёрӣ мавҷуд аст, иҷрокунанда ба амал мебарорад. Ба таври ҳатмӣ ҳамаи фармонҳо, супоришҳо ва дастурамалҳо аз ҷониби ҳуқуқшинос ва воҳидҳои сохтории дигари Раёсат, ки дар банди 4.9.6. Дастурамали мазкур пешбинӣ шудааст, барои санҷиши мутобиқати меъёрҳои пешниҳодгардида бо қонунгузории ҷорӣ ва санадҳои меъёрии Раёсат, имзогузорӣ карда мешаванд. Имзогузорӣ дар пушти саҳифаи охири санади меъёрӣ гузошта мешавад.

Банди охири фармон ҳамчун қоида дар таҳрири зерин баён мегардад: «Назорат аз болои иҷрои фармони мазкур ба зиммаи (ному насаб зикр карда мешавад) сардори Раёсат, муовини сардори Раёсат ё сардори шуъбае, ки ба салоҳияти он супоришоти асосии дар фармон баёнёфта дохил мегардад, гузошта мешавад.

Замимаҳо ба фармонҳо ва супоришҳои Раёсат аз ҷониби роҳбарони воҳидҳои сохторӣ, ки лоиҳаро тайёр намудаанд, имзо карда мешаванд.

Санаи ба табъ расидаи фармон, супориш, санаи баимзорасии он ҳисоб карда мешавад, агар мӯҳлати дигар дар ин санадҳои ҳуқуқӣ нишон дода нашуда бошад.

**Фармонҳо** ҳамчун қоида дар ҳолатҳои зерин ба расмият даровarda мешаванд:

а) тасдиқ ва мавриди амал қарор додани низомномаҳо, оиннома, қоидаҳо, дастурамалҳо;

б) супоришоти роҳбарияти Раёсат оид ба масъалаҳои фаъолияти воҳидҳои сохтории Раёсат, ки хусусияти доимӣ доранд;

в) эълон намудани натиҷаи санҷишҳо ва тафтишҳои якҷоя;

г) ба кори дигар гузаронидан, аз кор озод намудани шахсони мансабдори Раёсат;

д) дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сафари хизматӣ равон кардани кормандон.

Агар барои баровардани фармон ҳуҷҷати амрдиҳандаи ташкилоти болоӣ асос шуда бошад, дар қисмати муқаддимавии он сана, рақам ва номи он зикр карда мешавад.

Масалан: Бо мақсади иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 20 сентябри соли 2007 №-____ ________________________________
(номи пурраи қарор)

Мутобиқи амрномаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
20 сентябри соли 2007 № ____ ______________________________
(номи пурраи фармоиш)

Шарҳи «бо мақсади иҷрои ...» дар ҳолатҳое навишта мешавад, ки санади Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ё мақомоти дигар Хадамотро оид ба иҷрои ин ё он амал ӯҳдадор намояд.

Дар мавриди тайёр кардани фармон бо мақсади иҷрои қарор ё амрномаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қисми қарор якчанд ё баъзе бандҳои алоҳидаи ин санадҳои ҳукуматӣ, ки маҷмӯи онҳоро ба маълумоти воҳидҳои сохтории Раёсат расондан зарур аст, баён намудан мумкин мебошад.

Шарҳи «Мутобиқи ...» дар ҳолате навишта мешавад, ки агар дар санади ҳукуматӣ ё мақомоти дигар ба Хадамот супориши бевосита мавҷуд набошад, вале тартиб ё меъёри масъалаҳои бо фаъолияти Хадамот алоқадоштаро дар бар гирад.

Бо **супоришҳои** Раёсат таҳия карда мешаванд:

а) эълон кардан ва ба маълумоти воҳидҳои Раёсат расонидани ҳуҷҷатҳои директивии мақомоти болоӣ, шарҳи тартиби татбиқи қонунҳои ҷорӣ ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

б) эълон намудани фармонҳо, дастурамалҳо ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии вазоратҳо ва идораҳо, ки иҷрои онҳо аз ҷониби воҳидҳои сохтории Раёсат ва воҳидҳои тобеи он ҳатмӣ мебошад.

Лоиҳаи ҳуҷҷатҳои амрдиҳандаро шуъбаҳои дастгоҳи Раёсат бо ташаббуси худ ё бо супориши роҳбарияти Раёсат тайёр мекунанд.

Аз рӯи мазмун фармонҳо ба се намуд тақсим карда мешаванд: доир ба фаъолияти асосӣ, оид ба ҳайати шахсӣ ва доир ба фаъолияти маъмурӣ-хоҷагӣ.

Дар матни фармон, супориш доир ба фаъолияти асоси ва қисмати муқарраркунанда далелҳое баён мешаванд, ки зарурияти таҳия намудани қарорро ба миён овардааст. Дар фармонҳо доир ба ҳайати шахсӣ қисмати муқарраркунанда метавонад, набошад.

Қисмати амрдиҳии фармон (ҳам доир ба фаъолияти асосӣ ва ҳам оид ба ҳайати шахсӣ) аз сатри нав бо ҳарфҳои калон, бе нохунак, бе сархат, бо калимаҳои «Фармон медиҳам» огоз меёбад; дар қарор – «Қарор карда шуд», дар супориш – «Вазифадор мекунам», «Пешниҳод мекунам».

Дар фармонҳо доир ба вазифа таъин ва аз вазифа озод намудан, ҳавасмандгардонӣ ва ба ҷавобгарии интизомӣ кашидан ному насаб ва номи падар пурра навишта мешавад.

Фармонҳо оид ба ҳайати шахсӣ ба микдори зарурӣ муайян карда мешаванд.

Ба фармонҳо доир ба фаъолияти маъмурӣ–хоҷагӣ кормандони Раёсат ба таври ҳатмӣ супориш оид ба рухсатии меҳнатӣ ва таълимӣ, сафари хизматӣ, ки аз ҷониби роҳбарони дахлдори воҳидҳои сохторӣ ба имзо расидааст, пешниҳод карда мешавад.

Фармонҳо доир ба ҳайати шахсӣ (ба мисли фармонҳо доир ба фаъолияти асосӣ) бояд чунин сарлавҳа дошта бошанд: «Дар бораи замимашударо...»,»Дар бораи таъин...».

Ҳар як супориш бо банди алоҳида, бо нишон додани иҷрокунандаи масъул ва мӯҳлати иҷро таҳия карда мешавад.

Доир ба мавҷуд будани замимаҳо ба фармон танҳо дар матн ишора карда мешавад. Дар кунҷи рости болои замима номи ҳуҷҷати амрдиҳандаи асосӣ, сана ва рақами он зикр карда мешавад.

Ҳуҷҷати амрдиҳанда, ки ба фармони қаблан баровардашуда илова ба ҳисоб меравад, бояд дар охири сарлавҳа ифодаи дахлдор дошта бошад. Масалан: «илова ба фармони №___аз______»

Нусхаҳои аслии фармонҳо, супоришҳои сардори Раёсат ва муовинони ӯ имзокарда, барои бақайдгирӣ ба Котибот супорида мешаванд. Нусхаҳои фармонҳо, супоришҳо барои иҷро ба воҳидҳои сохтории Раёсат фиристонида мешаванд. Нусхаҳои аслии онҳо танҳо бо иҷозати роҳбарияти Раёсат ва ё Котиботи Раёсат барои шиносоӣ пешниҳод карда мешаванд.

Пас аз ба имзо расидани фармон, супориш бе иҷозати шахси ба онҳо имзо гузошта, даровардани ислоҳот ба онҳо мумкин нест.

Фармонҳо ва ҳуҷҷатҳои дигари амрдиҳандаи Раёсат ба миқдори қатъиян маҳдуд нусхабардорӣ карда мешаванд. Барои муайян намудани теъдоди нусхаи фармон, супориш ва дуруст тартиб додани нишондиҳандаи ирсолот роҳбарони воҳидҳои сохторие, ки лоиҳаи ҳуҷҷати амрдиҳандаро тайёр кардаанд, бо назардошти он ки ҳуҷҷат бояд танҳо ба муассисаҳо ва ташкилотҳои манфиатдор равон карда шавад, ҷавобгар мебошанд.

Рӯйхати ирсолот дар мавриди кам будани шумораи суроғаҳо (то 4) дар пушти саҳифаи охирини лоиҳаи фармон, супориш нишон дода мешавад.

Дар мавриди зиёда аз 4 нусха ирсол намудан, ба лоиҳаи ҳуҷҷат дар саҳифаи алоҳида рӯйхати ирсолот, ки роҳбари воҳиди сохторӣ онро тайёр намудааст, пешниҳод карда мешавад.

Лоиҳаи фармонҳое, ки дар коғази бадсифат бо ҳуруфоти хира, тоза карда шуда, бо вайрон кардани муқаррароти Дастурамали мазкур чоп карда шудааст, барои имзои роҳбарияти Раёсат пешниҳод карда намешавад.

## 23. Таҳия намудан ва додани барқияҳо, телефонограммаҳо ва факсҳо

Барқияҳо танҳо аз рӯи масъалаҳои таъҷилӣ ва ҳолатҳое, ки воситаҳои дигари додани ахборот мавҷуд нест, ирсол карда мешаванд.

Ба таркиби барқия ҷузъҳои зерин дохил мешавад: номи ҳуҷҷат, қайд дар хусуси дараҷаи барқия, суроға, матн, рақами содирот, номи мухтасари шахси мансабдори барқияро имзонамуда, имзо, шарҳи имзо.

Матни барқия кӯтоҳ баён ёфта, дар як тарафи варақ дар ду нусхаи бо ҳарфҳои калон, бо фосилаи як хат дар миён бе гузаронидани қисми калима, сархат, пайвандакҳо, пешояндҳо (агар дар ин маврид мазмун тағйир наёбад) чоп карда мешавад.

Дар охири барқия рақами содирот гузошта мешавад.

Дар барқияҳо Раёсати минтақавии гумрукӣ дар вилояти Суғд шартан Раёсат ифода меёбад.

Матни барқияи ҷавобӣ бояд аз рақами содиротии барқия, ки ба он ҷавоб дода мешавад оғоз гардад.

Барқияҳо ба котибот супорида мешаванд. Котибот онҳоро баъди дида баромадан ба роҳбарияти Раёсат ва ба воҳидҳои сохторӣ медиҳад.

Барои ҳалли фаврии масъалаҳо интиқоли барқияҳои телефоние, ки дар як нусха таҳия шудаанд, рухсат дода мешавад. Барқияҳои баимзорасида ба қайд гирифта мешаванд.

Дар барқияҳои телефонӣ, пас аз интиқол додани онҳо сана ва вақти интиқол, насаби фиристонанда ва ҷамъкунанда қайд карда мешавад.

Барқияҳои телефонии фиристонидашаванда ба тартиби хронологӣ дар парвандаи алоҳида бо барқияҳо дӯхта мешаванд. Агар барқияи телефонӣ иҷрои ҳуҷҷатро тасдиқ кунад, дар ин сурат нусхаи он дар як парванда бо ин ҳуҷҷат гузошта мешавад.

Барқияҳои ҷамъгардида дар ду нусха чоп карда мешаванд. Нусхаи аввал барои дида баромадан ба роҳбарияти Раёсат тавассути котибот дода шуда, нусхаи дуюм дар парвандаи барқияҳои воридгардида нигоҳ дошта мешавад.

Барқияҳои телефонӣ бо қайд доир ба иҷрои супориши роҳбарияти Раёсат мутобиқи рӯйхати парвандаҳо дӯхта мешаванд.

Барқияҳо, барқияҳои телефонӣ ва факсограммаҳо аз ҷониби роҳбарияти Раёсат имзо карда мешаванд.

## 24. Таҳия намудани мактубҳо

Вобаста ба мазмун мактубҳо ба мактуб-дархост, мактуб-ҷавоб, мактубҳои мушоиятӣ, таблиғотӣ, кафолатӣ, мактубҳои тасдиқкунанда, бахотиррасонӣ, хулосакунӣ, огоҳкунӣ ва ғайра тақсим карда мешаванд.

Дар мактуб-ҷавоб индекс ва санаи мактуб (ҳуҷҷат) – дархост қайд карда мешавад. Масалан: ба № 420 аз 22 марти соли 2007.

Мактубҳои мушоиятӣ ҳамроҳи ҳуҷҷат, ки дар он қисмати суроға мавҷуд аст, ирсол карда мешаванд. Дар мактубҳои мушоиятӣ номи ҳуҷҷати пешниҳодшуда ва мақсади ирсол намудани он қайд карда мешавад.

Дар мактуб-ҷавобе, ки ба хориҷа ирсол мегардад, насаб ва телефони иҷрокунанда, ҳамчунин индекси пурраи ҳуҷҷат қайд карда мешавад.

## 25. Таҳия намудани протоколҳо

Протокол – ҳуҷҷатест, ки рафти баррасии масъалаҳо ва ҷамъшудароии қарорҳоро дар маҷлисҳо, машваратҳо, маҷлисҳои мақомоти машваратӣ инъикос мекунад.

Маълумотномаҳои ҳатмии протокол: номи ташкилоти ҳуҷҷатро интишорнамуда, номи намуди ҳуҷҷат, сана ва рақами қайд, ҷои интишор, сарлавҳа, матн, имзоҳо ба ҳисоб меравад.

Протокол аз ҷихати пурра инъикос гардидани рафти машварат (маҷлис) метавонад кӯтоҳ ва пурра бошад.

Дар қисмати оғози протокол насаби Раис ва котиби мақомоти машваратӣ, насаби шахсони иштирокдошта қайд карда мешавад.

Протокол рӯзномаи маҷлисро (машварат) дар бар гирифта, дар он масъалаҳо бо тартиби баррасӣ ё муҳим будани онҳо номбар карда мешаванд.

Қисми асосии протокол нақли пурраи баён бо нақшаи «шунида шуд». «Баромад карданд», қарор карда шуд «Мутобиқи рӯзнома» алоҳида аз рӯи ҳар як масъалаи дида баромадашаванда сохта мешавад. Қарор дарҳол пас аз баррасии масъалаи мазкур баён карда мешавад.

Дар фаслҳои «шунида шуд», «баромад карданд» насаби баромадкунандаҳо (маърӯзачӣ), мансаби онҳо нишон дода шуда, мазмуни мухтасари маърӯзаи (баромад) шахси аввал баён карда мешавад ё баромад ба протокол замима мегардад.

Протоколи шакли кӯтоҳи баён дар фасли «шунида шуд», «баромад карданд» танҳо рӯйхати насаби баромадкунандаҳоро бе баёни маърӯза (баромад) дар бар мегирад.

Қисми қароркунандаи протокол аз рӯи нақшаи сохти бандҳои ҳуҷҷати амрдиҳанда, ки иҷрои амалҳои муайянро амр медиҳад, сохта мешавад.

Қисми қароркунандаи протокол ҳамчун қоида бо нишон додани шахси мансабдор, ки ба назорати иҷрои қарор ё бандҳои алоҳида масъуланд, анҷом меёбад.

Протокол аз ҷониби раиси маҷлис (машварат) ва котиб, ба имзо мерасад.

## 26. Таҳия намудани санадҳо

Санад - ҳуҷҷатест, ки аз ҷониби гурӯҳи шахсон тартиб дода мешавад ва далелу ҳодисаҳои муқаррарнамударо тасдиқ менамояд.

Барои тартиб додани санад амрнома ё ҳуҷҷати супоришотии мақоми болоӣ, роҳбарияти Раёсат ё воҳидҳои сохтории он, супоришҳои нақшавӣ асос шуда метавонад. Санад ҳамчунин мутобиқи қонунгузории ҷорӣ тартиб дода мешавад.

Санад маълумоти муҳими зеринро дар бар мегирад: ташкилоте (воҳид), ки санадро тартиб додааст, намуди ҳуҷҷат, ҷои тартиб додан, сана, сарлавҳаи матн, матн, имзоҳо, ҳамчунин дар ҳолатҳои зарурӣ рақами қайд, мӯҳри тасдиқ барои мувофиқакунӣ.

Санад аз ҷониби ҳамаи шахсоне, ки дар тартиб додани он иштирок намудаанд, бо нишон додани мансаб, имзо карда мешавад.

Шахсоне, ки аз рӯи санад эрод доранд, бо чунин қайд «эродҳо пешниҳод карда мешаванд» имзо мегузоранд.

Хулоса ва таклифҳои тартибдиҳандаҳо метавонанд дар шакли дастурдиҳӣ бо нишон додани мӯҳлати иҷрои амалҳои амрдодашуда баён гардад.

Дар мавриди мавҷуд будани замима ба санад қайд дар бораи замима пас аз анҷоми матн зикр карда мешавад.

Дар охири матн миқдори нусхаҳои зиёдкардашудаи санад, ҷои нигоҳдории онҳо ё суроғаҳо, ки ба онҳо равон карда мешаванд, нишон дода мешавад.

## 27. Назорат аз болои иҷрои ҳуҷҷатҳо
## Қоидаҳои умумии ташкили назорат

Назорат аз болои иҷро бо мақсади таъмини саривақтӣ ва ҳалли пурраи масъалаҳо, супориши роҳбарият, пурзӯр намудани интизоми иҷроия ва баланд бардоштани масъулияти кормандон муқаррар карда мешавад.

Роҳбарияти Раёсат, сардорони воҳидҳои сохтории он ба иҷрои саривақтӣ ва хушсифати фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва қарорҳои Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳо, амрномаҳо ва супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Мушовараи Хадамот, фармонҳо, фармоишҳо ва супоришҳои сардори Хадамот ва Раёсат, мактубҳо-дархостҳои вазоратҳо, идораҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо, иҷрои саривақтии дархостҳо, муроҷиати шаҳрвандон, ки тавассути почта ворид гардидаанд ва дар ҷамъшударoҳои шахсӣ дода шудаанд, шахсан ҷавобгар мебошанд.

Назорати мунтазам аз болои иҷрои амалӣ ва саривақтии ҳуҷҷатҳо ва супоришҳои роҳбариятро роҳбарони воҳидҳои сохтории Раёсат, ҳамчунин Котибот ба амал мебарорад.

Агар дар ҳуҷҷатҳое, ки мавриди назорати доимӣ қарор доранд, мӯҳлати иҷро нишон дода нашуда бошад, он мутобиқи қонунгузории мавҷуда аз ҷониби роҳбарияти Раёсат муқаррар карда мешавад.

Санаи ниҳоии иҷро дар матни ҳуҷҷат бо имзои роҳбар нишон дода мешавад. Дар ҳолате ки мӯҳлати иҷрои ҳуҷҷат нишон дода нашуда бошад, вай метавонад дар мӯҳлати на зиёда аз як моҳ иҷро карда шавад.

Мӯҳлати иҷро аз лаҳзаи қайди ҳуҷҷати ба Раёсат воридгардида ҳисоб карда мешавад.

Дар ҳолати имконнопазир будани иҷрои супоришҳо дар мӯҳлати муқарраршуда роҳбари воҳиди сохторӣ бояд ба сардори Раёсат ва муовинони сардори Раёсат, ки супориш додаанд, на дертар аз ду рӯз то сипарӣ шудани мӯҳлати назорат гузориши хизматии дахлдор ирсол намояд.

Доир ба муқаррар намудани мӯҳлатҳои нав ба Котибот хабар дода мешавад.

Натиҷаи иҷрои ҳуҷҷат аз ҷониби Котибот ҷамъбаст карда шуда, ҳар моҳ як маротиба ба маълумоти роҳбарони шӯъбаҳои мустақили Раёсат расонида мешавад, ҳамчунин дар маҷлисҳои фаврӣ ба роҳбарияти Раёсат гузориш дода мешавад.

Роҳбарони воҳидҳои сохторӣ вазифадоранд дар мӯҳлати ду рӯз пас аз гирифтани маълумотҳо ба муовини сардори Раёсат (мутасадди) доир ба вазъи кор бо ҳуҷҷатҳои дар маълумотҳо зикргардида арз намоянд ва дар ин хусус ба Котибот ахборот диҳанд

Маълумот дар бораи иҷрои ҳуҷҷат ва супоришҳо дар китобҳо ва варақаҳо (карточка) инъикос меёбад.

Назорати иҷрои супоришҳо, ҳуҷҷатҳои дохилии амрдиҳандаро дар бар мегирад ва бо ёрии варақаҳо (карточка) ба амал баровардa мешавад.

Варақаҳои назоратӣ метавонанд бо супориши роҳбарият, ки ба таври шифоҳӣ дода шудаанд, тартиб дода шаванд.

Ба супоришҳои ба воҳиди сохторӣ додашуда, ки аз қарори маҷлис, нусха аз протокол, фармон бармеояд, дар ду нусха варақаи назоратӣ пур карда шуда, дар он маълумоти ҳатмии ҳуҷҷат (масалан: рақами фармон, рақами протоколи маҷлис ва ғайра) сабт карда мешавад.

Ин нусхаи варақа дар варақадони (картотека) баҳисобгирии воҳиди назораткунанда нигоҳ дошта шуда, нусхаи дуюм дар варақадони назоратии Котибот мемонад.

Варақаҳои назоратӣ ба гурӯҳҳои махсус аз рӯи мӯҳлати иҷро гурӯҳбандӣ карда мешавад.

Ҳуҷҷат танҳо пас аз ҳалли пурраи ҳамаи масъалаҳои дар он бамиёнгузошта ва дар ин хусус ба мақомоти манфиатдор ё шахс хабар додан, иҷрогардида ҳисоб карда шуда, аз назорат гирифта мешавад.

Ҳуҷҷатро аз назорат танҳо шахсе мегирад, ки онро таҳти назорат қарор додааст.

Маълумот оид ба иҷрои ҳуҷҷат ва аз назорат гирифтани он дар варақадони назоратӣ қайд мешавад.

Агар иҷроиши супориш ҳуҷҷатгузорӣ нашуда бошад, қайд оид ба иҷро дар худи ҳуҷҷат-дархост гузошта мешавад.

## Ташкили назорат аз болои иҷрои ҳуҷҷатҳо дар воҳидҳои сохторӣ

Роҳбари воҳиди сохторӣ вазифадор аст, дар маҷлисҳои фаврӣ, вазъи интизомро оид ба иҷрои ҳуҷҷат мунтазам дида бароядd, сабабҳои вайрон кардани мӯҳлатҳои муқарраршуда ва чораҳои андешидаро доир ба иҷрои саривақтӣ ва хушсифатии ҳуҷҷатҳо ва супоришоти мақомоти болоӣ, қарорҳои маҷлис, фармонҳо, фармоишҳо, ва супоришҳои роҳбарияти Раёсат таҳлил намояд.

Кормандоне, ки дар воҳидҳои сохторӣ коргузориро мебаранд, вазифадоранд:

- аз Котибот нусхаи варақаи бақайдгирии ҳуҷҷати (ё бандҳои алоҳидаи он) таҳти назорат қарордоштаро, гирифта, баъд аз шиносоӣ ба роҳбари воҳиди сохторӣ аз рӯи мӯҳлат ва иҷро дар варақадон ҷо кунанд;
- ба таври доимӣ рафти иҷрои супоришро назорат кунанд;

- ҳангоми гузаронидани мӯҳлати иҷро аз иҷрокунанда сари вақт вазъи рафти иҷрои ҳуҷҷати таҳти назорат қарордоштаро аниқ намоянд ва дар хусуси наздик шудани мӯҳлат ба роҳбари воҳиди сохторӣ барои дидани чораи дахлдор гузориш диҳанд;

- баъди иҷро шудани супориш нусхаи варақаи бақайдгириро бо имзои роҳбари он аз назорат соқит намуда ба Котибот супоранд;

- ҳангоми дароз намудани мӯҳлати иҷроиши супориш аз ҷониби роҳбарияти Раёсат ба Котибот хабар расонанд (дароз намудани мӯҳлати иҷроиш дар асоси гузориши асоснок сурат гирифта, дар Котибот ба қайд гирифта мешавад.)

## 28. Ташкили корҳои дар мошинка чопкунӣ ва нусхабардорӣ

Ҳуҷҷатҳои хизматӣ дар воҳидҳои сохтории Раёсат чоп карда мешаванд.

Аз нав чоп кардани дастхатҳо бо имзои роҳбари воҳиди сохторӣ ҷамъшударо карда мешавад.

Иҷрокунандаҳо ҳуҷҷатҳои чопшударо тафтиш мекунанд ва аз нав хонда мебароянд.

Дар мавриди чоп кардани ҳуҷҷат кормандони воҳидҳои сохторӣ бояд талаботи муқаррарнамудаи стандарти давлатиро таҳти роҳбарӣ қарор диҳанд.

Нусхабардорӣ кардани ҳуҷҷатҳои хизматӣ аз рӯи супориш-рухсатномаи аз ҷониби роҳбарони воҳидҳои сохтории Раёсат ё муовинони онҳо имзошуда иҷро карда мешавад.

Барои нусхабардорӣ кардан матни дар мошинка ё компютер бо ранги сиёҳ чопкардашуда, ҷамъшударо карда мешавад.

Ислоҳи аломатҳо, имзоҳо (агар онҳо дар нусха боқӣ монанд) бояд бо ручка ё фламастери ранги сиёҳ иҷро карда шаванд.

Сифатнокии нусхаҳо аз асл бо вайрон кардани талабот дар Дастурамали мазкур нишондодашуда, аз нусхаҳои дуюми матни дар мошинка чоп ва ксерокопия кардашуда тавсия дода намешавад.

Нусхабардории маводҳои бо мӯҳри махфӣ воридгардида иҷро карда намешавад.

Нусхабардории маводҳо, ҳамчун қоида бо хурд кардани ҳаҷм иҷро карда мешавад. Миқёси нусхабардорӣ барои маводҳое, ки ба сифати нусхаи аслӣ барои маълумотҳои ҳисоботӣ истифода бурда мешаванд, иваз карда намешавад (сарлавҳа, ҷадвал, пустография).

## 29. Баҳисобгирӣ, нигоҳ доштан ва истифода бурдани мӯҳрҳо, тамғаҳо ва варақаҳо

Мӯҳрҳо, тамғаҳое, ки номи пурраи Раёсатро дар бар мегиранд, ҳамчунин варақаҳои фармонҳо, супоришҳо, мактубҳо, шаҳодатномаҳои шахсӣ, шаҳодатномаҳои сафарӣ, дафтарчаҳои меҳнатӣ бо тартиби муқарраршуда мавриди баҳисобгирии ҳатмӣ қарор мегиранд.

Сардорони воҳидҳои сохтории Раёсат барои ташкили баҳисобгирӣ, нигоҳдорӣ ва истифода бурдани мӯҳрҳо, тамғаҳо ва варақаҳо шахсан ҷавобгӯ мебошанд.

Шахсони мансабдор барои нигоҳ доштан ва истифода бурдани мӯҳрҳо ва тамғаҳо бо супориши роҳбари Раёсат таъйин карда мешаванд.

Барои баҳисобгирӣ ва нигоҳ доштани варақаҳои Раёсат масъулият ба дӯш дорад: дар Котибот – котиби роҳбар, дар воҳидҳои сохторӣ – корманде, ки коргузориро мебарад, дар шуъбаи молиявию хоҷагӣ – комендант.

Баҳисобгирии мӯҳрҳо, тамғаҳои Раёсат дар китоб бурда мешавад.

Китоби баҳисобгирии мӯҳрҳо, тамғаҳо дар феҳристи парвандаҳо дохил карда шуда, варақаҳо рақамгузорӣ карда, дӯзонда ва мӯҳр гузошта мешавад.

Мӯҳр ва тамғаҳо бояд дар сейфҳо ва ҷевонҳои оҳанин нигоҳ дошта шаванд. Нигоҳ доштани варақаҳо дар ҷевонҳои маҳкамшаванда ва мӯҳргузошташаванда рухсат дода мешавад.

Тайёр намудани мӯҳрҳо, тамғаҳо ва варақаҳоро бо тартиби муқарраршуда аз рӯи дархости воҳидҳои сохторӣ, шӯъбаи молиявию хочагӣ таъмин менамояд.

Дар мавриди гум шудани мӯҳрҳо ва тамғаҳо шахсӣ мансабдори масъул, оид ба нигоҳдории онҳо вазифадор аст, доир ба ҳодисаи содиршуда фавран ба роҳбарияти Раёсат ба таври хаттӣ хабар диҳад. Дар ҳолати зарар дидан ё барои минбаъд истифода бурдан корношоям шудани онҳо, масъалаи нобуд кардани онҳо ба роҳи тартиб додани санад ҳал мегардад.

## 30. Тартиб додани номгӯи парвандаҳо ва ташкил ёфтани парвандаҳо, нигоҳ доштани парвандаҳо дар коргузории ҷорӣ

Бо мақсади дуруст ташкил ёфтани парвандаҳои Раёсат, ки аз рӯи мазмун ва намуд бо тезӣ ҷустуҷӯ кардани ҳуҷҷатҳоро таъмин менамояд дар коргузорӣ таснифи (классификатсия) ҳуҷҷатҳо гузаронида мешавад.

Феҳристи парвандаҳо барои ба гурӯҳбандии ҳуҷҷатҳои иҷрогардида, мураттабсозӣ ва баҳисобгирии парвандаҳо, индекскунонӣ ва муайян намудани мӯҳлати нигоҳдории онҳо пешбинӣ шудааст. Феҳристи парвандаҳо нақшаи сохтани варақадони маълумотдиҳӣ ба ҳуҷҷатҳои иҷрошуда буда, асос барои тартиб додани руйхати парвандаҳои нигоҳдориашон доимӣ ва дарозмуддат (зиёда аз 10 сол) дар бойгонии Хадамот ва барои баҳисобгирии нигоҳдории муваққатӣ мебошад.

Дар феҳристи парвандаҳо сарлавҳаи парвандаҳо, ки ҳуҷҷатикунонии ҳамаи минтақаҳои кори Раёсатро инъикос мекунад, парвандаҳои аз ташкилотҳои дигар воридгардида, парвандаҳои гузаранда, парвандаҳо ва маводҳои маълумотдиҳӣ бо мӯҳри «барои истифодаи хизматӣ», варақадон ва ғайраҳо дар бар мегирад.

Номи фаслҳои феҳристи парвандаҳо аз номи воҳидҳои сохторӣ иборат буда, фаслҳо мутобиқи сохтори тасдиқшуда ҷойгир карда мешаванд.

Ҳар як парвандаи дар феҳрист дохил карда шуда, бояд индекси муайян дошта, аз аломатҳои воҳидҳои сохторӣ ва рақами тартибии парвандаҳо дар ҳудуди ин воҳиди сохторӣ иборат бошад.

Масалан, 02-10, ки 02 – аломати шартии воҳидҳои сохторӣ ва 10 – рақами тартибии парвандаро нишон медихад.

Сарлавҳаи парвандаҳое, ки ба феҳрист гузаронида мешаванд, бояд мушаххас, кӯтоҳ ва равшан бошанд, дар шакли умумӣ мазмуни асосӣ ва таркиби ҳуҷҷатҳои парвандаро инъикос намоянд.

Дар сарлавҳаи парванда истифода бурдани ифодаҳои норавшан («ҳар гуна маводҳо») «мукотибаи умумӣ», «бақайдгирӣ» ва ғайра, ҳамчунин калимаҳои муқаддимавӣ ва ифодаҳои мураккаби синтаксисӣ роҳ дода намешавад.

Сарлавҳаи парвандаҳо дар ҷараёни ташкилёбӣ ва таҳия намудани парвандаҳо аниқ карда мешавад.

Сарлавҳаи парванда аз ҷузъҳои таркибии мавҷудаи зерин иборат мебошад:

- номи намуди парванда (мукотибаю китоб ва ғайра) ё гуногуншаклии ҳуҷҷатҳо (протоколҳо, фармонҳо ва ғайра);
- номи воҳидҳои сохторӣ;
- номи ташкилоте, ки ҳуҷҷат ба он равон карда мешавад ё аз он гирифта мешавад (гиранда ё ирсолкунандаи ҳуҷҷат);
- мазмуни мухтасари ҳуҷҷатҳои парванда;
- номи маҳал (ҳудуд), ки мазмуни ҳуҷҷатҳои парванда ба он алоқаманд аст;
- доираҳои хронологӣ;
- санадҳое, ки ҳуҷҷатҳои парванда ба онҳо мансуб мебошад;
- супориш ба шумораи нусхаи ҳуҷҷатҳои парванда.

Таркиби ҷузъҳои сарлавҳаи парванда аз хусусияти ҳуҷҷатҳои парванда муайян карда мешавад.

Тартиби ҷойгиршавии сарлавҳаи парванда дар дохили фаслҳои феҳрист бо дараҷаи муҳимияти ҳуҷҷатҳои парвандаро ташкилкунанда муайян карда мешавад.

Масалан, дар аввали ҳуҷҷатҳои ташкилӣ-амрдиҳанда, фармонҳо, фармоишҳо, супоришҳо, протоколҳо, пас аз он ҳуҷҷатҳои нақшавӣ ва ҳисоботӣ, мукотиба, ҳуҷҷатҳои баҳисобгирӣ (китобҳо, варақадонҳо) ва ғайра.

Дар ҳудуди намуди парванда ва гуногунии ҳуҷҷатҳо, ҳамчунин дараҷаи муҳимияти онҳоро ба эътибор гирифтан лозим аст. Масалан: дар аввал мукотиба бо ташкилотҳои болоӣ меравад, пас бо ташкилоти дар як зина қарордошта ва баъд бо ташкилотҳои поёнӣ.

Агар дар давоми сол парвандаҳои нав кушода шаванд, онҳо бо мувофиқа бо Котибот ба таври илова ба феҳристи парвандаҳо дохил карда мешаванд. Бо ин мақсад дар ҳар фасли феҳрист рақамҳои захиравӣ (эҳтиётӣ) монда мешавад.

Феҳристи парвандаҳо аз рӯи шакли муқарраршуда, ки бо таври зерин пур карда мешавад, тартиб дода мешавад: дар сутуни 1-ум индекси парванда нишон дода мешавад, дар 2-юм сарлавҳаи парванда, дар 3-юм – дар анҷоми сол миқдори парвандаҳои (ҷилд) кушода шуда, дар 4-ум – мӯҳлатҳои нигоҳдорӣ, мутобиқи феҳристи ҳуҷҷатҳои идорӣ, дар 5-ум – эзоҳ (қайд дар хусуси ба бойгонӣ додани парванда, оид ба парвандаҳои гузаранда, дар бораи ҷудо намудани парвандаҳо барои замима кардан дар хусуси шахсони ба таъсисёбии парванда ва ғайра масъулбуда).

Бо анҷоми соли коргузорӣ дар охири феҳрист доир ба миқдори парвандаҳои (ҷилд) кушодашуда сабти ҷамъбастӣ нишон дода мешавад. Шахси ба коргузорӣ масъул ин маълумотномаро то санаи 15-уми январ ба бойгонӣ хабар медиҳад.

Феҳристи умумии парвандаҳои бо бойгонии Хадамот дар охири сол аниқ карда шуда, сардори Раёсат тасдиқ мекунад ва аз 1-уми январи соли оянда мавриди амал қарор меёбад.

Ҳамаи ҳуҷҷатҳои иҷрогардида мутобиқи феҳристи тасдиқшуда дар парвандаҳо таҳия карда мешавад. Ташкил намудани парвандаҳо ё дар маҳалли қайди

ҳуҷҷат – дар Котибот, ё аз ҷониби шахсоне, ки коргузориро мебарад – дар воҳидҳои сохторӣ ба амал бароварда мешавад.

Таҳия ва нигоҳ доштани парвандаҳо аз ҷониби иҷрокунандаҳо манъ аст.

Пеш аз дар парванда дӯхтани ҳуҷҷатҳо корманди Котибот ё шахси барандаи коргузорӣ мавҷудияти имзоҳо, санаҳо, қайд оид ба иҷро ва ба парванда ҳамроҳ намудан ва дар хусуси аз назорат соқит намудани онро санҷида мебарояд.

Дар парванда ҳуҷҷатҳое ҷой дода мешаванд, ки аз рӯи мазмуни худ ба сарлавҳаи парванда мувофиқат кунад, дар баробари ин дар парванда дастнависҳо ва нусхаҳои ҳуҷҷатҳо, ҳамчунин ҳуҷҷатҳое, ки бояд пас гардонда шаванд, ба гурӯҳҳо ҷудо кардан манъ аст.

Дар мавриди ташкил намудани парванда қоидаҳои умумии зеринро риоя кардан зарур аст: дар парванда танҳо ҳуҷҷатҳои мутобиқи сарлавҳаи парванда аз рӯи феҳрист иҷро ва дуруст ба расмият даровардашуда ҷой дода мешавад; ҳуҷҷатҳое, ки ба ҳалли як масъала тааллуқ доранд якҷоя ҷой дода мешаванд (дар парванда ба гурӯҳҳо ҷудо кардани ҳуҷҷатҳои як соли тақвимӣ, бе истисnoи парвандаҳои гузаранда, алоҳида ба гурӯҳҳо ҷудо кардани ҳуҷҷатҳои доимӣ нигоҳдошташаванда ва мӯҳлати нигоҳдориашон муваққатӣ). Дар парванда ҳуҷҷатҳое, ки мавриди баргаронидан қарор доранд, нусхаҳои зиёдатӣ, сиёҳнависҳо бояд ҷой дода нашаванд, парвандаҳо набояд аз 250 варақ зиёд бошанд.

Ҳуҷҷатҳо дар дохили парванда ба таври хронологӣ ё мувофиқат кардани онҳо ҷо ба ҷо карда мешаванд.

Ҳуҷҷатҳои амрдиҳанда (фармонҳо, фармоишҳо, протоколҳо, супоришҳо ва ғайра) дар парвандаҳо аз рӯи намуд ва хронология бо замимаҳои ба онҳо дахлдор ба гурӯҳҳо ҷудо карда мешаванд.

Фармонҳо доир ба фаъолияти асосӣ аз фармонҳо оид ба ҳайати шахсӣ алоҳида гурӯҳбандӣ карда мешаванд.

Фармонҳои хусусияти фавридошта (дар хусуси сафарҳо, ҷазоҳо ва ғайра) дар парвандаи алоҳида ҷо ба ҷо карда мешаванд.

Фармонҳо ва фармоишҳо якҷоя гурӯҳбандӣ карда мешаванд.

Протоколҳо дар парванда ба таври хронологӣ аз рӯи рақамҳо мураттаб мешаванд. Ҳуҷҷатҳои протоколҳо, ки дар парвандаи алоҳида ба гурӯҳҳо ҷудо карда шудаанд, аз рӯи протоколҳо ба низом даровarda мешаванд.

Нақшаҳои тасдиқшуда, ҳисобот, харҷнома, лимитҳо, рӯйхатҳои унвонӣ (титулӣ) ва ҳуҷҷатҳои дигар аз лоиҳаҳо ҷудо ҷо ба ҷо карда мешаванд.

Ҳуҷҷатҳо дар парвандаҳои шахсӣ баробари ворид шуданашон ҷо ба ҷо карда мешаванд.

Мукотиба, ҳамчун қоида барои давраи соли тақвимӣ ба гурӯҳҳо ҷудо карда мешавад ва ба таври хронологӣ танзим мегардад:

- ҳуҷҷат-ҷавоб пас аз ҳуҷҷат-дархост ҷо ба ҷо карда мешавад.

Дар мавриди доир ба масъалаи муайян аз нав шуруъ намудани мукотиба, ки дар соли пешина оғоз ёфта буд, ҳуҷҷатҳо дар парвандаи соли ҷорӣ, бо нишон додани индекси парвандаи соли сипаришуда ҳамроҳ карда мешавад.

Дар муқоваи ҳар як парванда дар вақти кушодани он бояд бо ранги ба равшани тобовар ё гафс номи Раёсат, воҳиди сохторӣ, индекси парванда, рақами парванда, рақами ҷилд сабт карда шавад, агар парванда аз якчанд ҷилд иборат бошад, сарлавҳаи парванда, санаи (сол) кушодани парванда ва мӯҳлати нигоҳдорӣ зикр карда шавад.

Индекси парванда ва соли оғози он, ҳамчунин бояд дар пойгири (корешок) муқоваи парванда қайд карда шавад.

Парвандаҳо бояд дар ҷевонҳои маҳкамшаванда дар ҳолати вертикалӣ, навиштаашон ба берун нигоҳ дошта шаванд.

Дар воҳидҳои сохтории Раёсат масъулияти дуруст ташкил намудан ва ҳифзи парвандаҳо то ба бойгонӣ супоридан ба зиммаи шахси барандаи коргузорӣ гузошта мешавад.

Аз бинои Раёсат баровардани парвандаҳои хизматӣ қатъиян манъ аст.

Ҳуҷҷатҳои алоҳида ва парвандаҳо ба касе дода намешаванд. Дар ҳолатҳои истисно ҳуҷҷат метавонад аз парванда гирифта шуда, ба ҷои он варақа гузошта шавад, ки дар он кадом ҳуҷҷат, кай ва кӣ гирифтааст, нишон дода шавад. Дар варақа шахси ҳуҷҷатро гирифта имзо мегузорад. Назорат аз болои баргардонидани ҳуҷҷат ба зиммаи шахси масъули барандаи парванда гузошта мешавад. Баробари баргардонидани ҳуҷҷат варақа аз парванда гирифта мешавад.

Ҳуҷҷат ё маълумотномаи хаттӣ аз рӯи онҳо ба намояндагони ташкилотҳои дигар танҳо бо иҷозати роҳбарияти Раёсат тибқи талаботи қонунгузории ҷорӣ дода мешавад.

Шахсоне, ки барои гум шудан, вайрон гардидан ё худсарона нобуд кардани ҳуҷҷатҳои хизматӣ гунаҳкоранд бо тартиби муқарраргардида ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

## 31.Тайёр намудани парвандаҳо барои дар бойгонӣ нигоҳ доштан

Парвандаҳое, ки доимӣ, муддати дароз (зиёда аз 5 сол) нигоҳ дошта мешаванд ва парвандаҳо доир ба ҳайати шахсӣ барои нигахдорӣ ба бойгонии Хадамот супорида мешаванд, супоридани онҳо танҳо аз рӯи руйхат сурат мегирад.

Парвандаҳое, ки муваққатӣ (то 5 сол) нигоҳ дошта мешаванд, ҳамчун қоида ба бойгонии Хадамот супорида намешаванд. Онҳо дар сипарӣ гардидани мӯҳлати нигоҳдорӣ бо тартиби муқарраршуда нобуд карда мешаванд.

Тартиби тайёр намудани парвандаҳо барои ба бойгонӣ супоридан, нигоҳдории фаврии ҳуҷҷатҳо ва парвандаҳо, супоридани парвандаҳо барои дар бойгонӣ нигоҳ доштан аз рӯи қисми 10 ва 11-и «Дастурамал дар бораи коргузорӣ дар Дастгоҳи марказии Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо Фармоиши Хадамоти гумруки назди ҲҶТ № 92-ф аз 15.05.2007с. тасдиқ шудааст, анҷом дода мешавад.

## Тақвими гумрук

**12-уми феврали соли 1986** бо қарори Шӯрои Вазирон дар заминаи идораи Сарраёсати гумруки назди Шӯрои Вазирони ИҶШС Сарраёсати давлатии назорати гумруки Тоҷикистон ташкил карда шуд.

**7 апрели соли 1987** шуъбаи фаврии назорати гумрукии Панҷи Поён маъмуран тобеи гумруки Тирмиз буд, ташкил карда шуд.

**29 майи соли 1989** бо фармони Сарраёсати давлатии назорати гумрукии назди Шӯрои Вазирони СССР, Гумруки ҷумҳуриявии тоҷик (бо ҳайати шахсии 41 нафар) ташкил шуд, ки ба он гумруки Панҷи Поён ва Ленинобод дохил мешуданд.

**1 сентябри соли 1989** Эъломияи бори гумрукӣ ҷорӣ карда шуд, ки он барои таҳти назорат қарор додани фаъолияти иқтисодии хориҷӣ имкон дод.

**9 сентябри соли 1991** бо эълони истиқлолияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон давраи нави ташкилёбӣ ва барқарорсозии гумруки мустақили Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сиёсати гумрукии он оғоз гардид.

**22-юми январи соли 1992** мутобиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми марказии идораи гумруки миллӣ – Сарраёсати назорати гумрукӣ ташкил карда шуд.

**11-уми апрели соли 1992** Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Низомнома дар бораи Сарраёсати назорати гумрукӣ»-ро тасдиқ намуд. Дастгоҳи марказии он ташкил карда шуд.

**Моҳи ноябри соли 1992** Дар Иҷлосияи таърихии 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сарраёсати назорати гумрукӣ ба Кумитаи давлатии гумруки назди Шӯрои Вазирони ҶТ табдил дода шуд. Дар ин Иҷлосия аввалин маротиба Кодекси гумрук ва қонун «Дар бораи тарифи гумрукӣ» қабул карда шуд.

**22-юми июни соли 1993** бо қарори Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарраёсати Вазорати гумруки назди Девони Вазирони ҶТ ба Кумитаи давлатии гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шуд.

**15-уми феврали соли 1994** бо қарори Шӯрои Вазирони ҶТ Кумитаи давлатии гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Кумитаи гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шуд.

**Дар ибтидои соли 1995** давраи нави таъсисёбӣ ва барқарорсозии хадамоти гумруки миллӣ сар шуд.

**Солҳои 1995-1996** дар таърихи мақомоти гумруки ҷумҳурӣ ибтидои мустаҳкам намудани заминаҳои меъёрию ҳуқуқии фаъолияти гумрукии миллӣ гардиданд.

**11-уми феврали соли 1996** Қарори Ҳукумат «Дар бораи тадбирҳо доир ба танзими фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул шуд.

**24-уми феврали соли 1996** Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба либерализатсияи амалиётҳои асъорию экспертӣ ва тадбирҳо доир ба таъмини пурра баргардонидани даромади асъорӣ дар ҷумҳурӣ» ба тавсиб расид.

**27-уми октябри соли 1996** Лабораторияи марказии гумрукӣ ба фаъолият шуруъ кард.

**26-уми апрели соли 1996** вохӯрии аввалини сарони давлатҳои Ҷумҳурии Мардумии Чин, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қиргизистон ва Тоҷикистон дар Шанхай ба вуқӯъ пайваст.

**13 декабри соли 1997** – Воқеаи муҳиме, ки дар барқарорсозӣ ва такмили сохтори ташкилию ҳуқуқии гумруки миллӣ, ки дар Сессияи 8-уми Маҷлиси Олӣ даъвати якум ба амал омад, ин тасдиқ гардидани парчам ва нишонаҳои фарққунандаи Гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон буд.

**Соли 1997** дар шаҳри Москва аз ҷониби роҳбарони панҷ кишвар ба имзо расидани Созишнома дар бораи ихтисори қувваҳои ҳарбӣ дар минтақаи сарҳадӣ сухан мерафт.

**28-уми апрели соли 1998** – имзо шудани Созишнома дар бораи ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Иттиҳоди гумрукӣ дар мушовараи байнидавлатии иттиҳоди гумруки «чоргона» (Федератсияи Руссия, Белорус, Қазоқистон, Қиргизистон) дар шаҳри Москва.

**26-27-уми июни соли 1998** дар Бишкек маҷлиси Шӯрои сарвазирони давлатҳои иштирокчии шартнома дар бораи ташкили фазои ягонаи иқтисодӣ баргузор шуд, ки 12 масъалаи гуногуни муносибатҳои байнидавлатиро баррасӣ намуд.

**11-уми майи соли 1998** дар шаҳри Алмаато дар саммити 5-уми сарони давлатҳо ва ҳукуматҳои кишварҳои аъзои Ташкилоти ҳамкории иқтисодӣ (ЭКО), ки Афғонистон, Эрон, Туркия, Покистон, Ӯзбекистон, Тоҷикистон, Қиргизистон, Озарбойҷон, Туркманистон аъзои он мебошанд, дар бораи «Тафоҳуми байниҳамдигарӣ ва ҳамкорӣ дар соҳаи мубориза бар зидди қочоқ ва фиребгарии гумрукӣ» қабул гардид.

**14-15-уми июни соли 2001** дар шаҳри Шанхай вохӯрии шашуми сарони давлатҳои иштирокчии «Панҷгонаи Шанхай» (Ҷумҳурии Мардумии Чин, Федератсияи Россия, Қазоқистон, Қиргизистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон) баргузор гардид.

**24-уми феврали соли 2002** Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилёбии Вазорати даромадҳо ва пардохтҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардид.

**25-уми октябри соли 2003** Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби интиқоли мол ва воситаҳои нақлиётӣ барои фаъолияти истеҳсолӣ ё фаъолияти дигари тиҷоратӣ» тайин гардид.

**8-уми декабри соли 2003** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуд.

**17-уми майи соли 2004** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шуд.

**27-уми сентябри соли 2005** дар шаҳри Душанбе Шӯрои байнидавлатӣ дар сатҳи сарони ҳукуматҳо баргузор гардид.

**28-уми декабри соли 2006** Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардид.

**30-уми ноябри соли 2006** Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи такмили сохтори мақомоти марказии ҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба имзо расид.

**6-уми октябри соли 2007** дар шаҳри Душанбе Шӯрои байнидавлатӣ дар сатҳи Сарони давлатҳо баргузор гардид.

**4-уми ноябри соли 2008** Фармони сардори Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқи Кодекси одоби касбии корманди хадамоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷкистон» қабул гардид.

**Декабри соли 2009** имзо шудани созишнома дар бораи Иттиҳоди гумрукӣ дар мушовараи байнидавлатии Иттиҳоди гумрукӣ ва ба амал омадани он дар шаҳри Алмато (Федератсияи Русия, Белорус, Қазоқистон). Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дохил шудан ба ин Иттиҳод дар раванди омодагӣ қарор дорад.

12 **ноябри соли** 2010 дар пойтахти кишварамон шаҳри Душанбе ҷаласаи 39-уми Шӯрои роҳбарони хадамотҳои гумруки назди Кумитаи ҳамгиронии Ҷомеаи иқтисодии Евразия доир шуда буд.

**22 январи соли** 2012 Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 20-сола шуд, ки ҳамқадами истиқлолият мебошад.

**Рӯйхати адабиёт:**


1. Конститутсия (Сарқонун)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2005
2. Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2010
3. Оймахмадов М., Махсумов М. Основы внешнеэкономической деятельности. – Душанбе, 2010
4. Орифов А., Азизов Ф. Танзими боҷи гумрукӣ – манбаи рушди иқтисодӣ. –Хуҷанд, 2007
5. Орифов А. Ислоҳоти фискалӣ – омили устувори иқтисодӣ. – Хуҷанд, 2009
6. Орифов А., Азизов Ф. Танзими муносибатҳои иқтисодии гумрукӣ. – Хуҷанд, 2009
7. Орипов А., Сангинова М., Блиничкина Н. Особенности декларирования товаров и транспортных средств. – Хуҷанд, 2010
8. Азизов Ф., Орифов А., Турсунов А. Региональные аспекты фискальной политики. – М., 2004
9. Орифов А., Махмудова Ф. Ислоҳоти андозу гумрук – такмили иқтисодиёт. – Хуҷанд, 2008
10. Оймахмадов М. Основы таможенного дела. – Душанбе, 1998
11. Раҳмон Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. – Душанбе, 2007
12. Раҳмон Э. Оғози марҳалаи созандагӣ. – Душанбе, 2006
13. Раҳмон Э. Соли тамаддуни ориёӣ. – Душанбе, 2006
14. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2012, ш. Душанбе.
15. Хасанов К. Таможня Республики Таджикистан: становление и развитие. – Душанбе, 2004

# Мундариҷа

Сарсухан……………………………………………………………………..3
Нақшаи тақсимоти соатҳо барои гурӯҳҳои шӯъбаи рӯзона…………………………..4
Мундариҷаи фан………………………………………………………………..4
1. Муқаррароти умумӣ……………………………………………………………..8
2. Маводҳои ҷамъшударо, бақайдгирӣ ва ирсол намудани муросилоти
воридшаванда ва содиршаванда………………………………………………8
3. Бақайдгирии ҳуҷҷатҳо………………………………………………………….9
4. Гардиш ва бақайдгирии ҳуҷҷатҳо дар котибот……………………………….10
5. Коркарди муросилоти содиршуда дар воҳидҳои сохторӣ……………………….11
6. Тартиби дида баромадан ва иҷрои ҳуҷҷатҳои хизматӣ…………………………12
7. Баҳисобгирии ҳаҷми гардиши муросилот…………………………………….13
8. Таҳия намудан ва барасмият даровардани ҳуҷҷатҳои хизматӣ…………………13
9. Ба суроға равон кардани ҳуҷҷатҳо…………………………………………….13
10. Тасдиқи ҳуҷҷатҳо……………………………………………………………..14
11. Номгӯи ҳуҷҷатҳо……………………………………………………………...14
12. Санаи ҳуҷҷат………………………………………………………………….15
13. Рақами ҳуҷҷат…………………………………………………………………15
14. Сарлавҳаи ҳуҷҷат……………………………………………………………..15
15. Рақамгузорӣ……………………………………………………………………15
16. Мувофиқакунонӣ………………………………………………………………15
17. Тасдиқи ҳуҷҷатҳо бо мӯҳр…………………………………………………….17
18. Тасдиқи нусхаи ҳуҷҷатҳо……………………………………………………..18
19. Замимаҳо……………………………………………………………………….18
20. Талабот ба матни ҳуҷҷатҳо…………………………………………………..18
21. Таҳия намудани баъзе намуди ҳуҷҷатҳо……………………………………..19
22. Тайёр кардан, ба расмият даровардан ва ирсол
намудани фармонҳо, супоришҳо ва дастурамалҳои Раёсат……………………..19
23. Таҳия намудан ва додани барқияҳо, телефонограммаҳо ва факсҳо…………..22
24. Таҳия намудани мактубҳо………………………………………………………23
25. Таҳия намудани протоколҳо……………………………………………………23
26. Таҳия намудани санадҳо……………………………………………………….23
27. Назорат аз болои иҷрои ҳуҷҷатҳо. Қоидаҳои умумии ташкили назорат………24
28. Ташкили корҳои дар мошинка чопкунӣ ва нусхабардорӣ………………………26
29. Баҳисобгирӣ, нигоҳ доштан ва истифода бурдани мӯҳрҳо,
тамғаҳо ва варақаҳо……………………………………………………………….26
30. Тартиб додани номгӯи парвандаҳо ва ташкил ёфтани парвандаҳо,
нигоҳ доштани парвандаҳо дар коргузории ҷорӣ…………………………………27
31.Тайёр намудани парвандаҳо барои дар бойгонӣ нигоҳ доштан…………………30
Тақвими гумрук……………………………………………………………………31